آواز تاجیک

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924). «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

1 феврали соли 2020. Шанбе

№ 11 (14610)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ТАЪРИХИ МО БУЗУРГ АСТ, ФУРСАТИ БУНЁД НАМУДАНИ ОЯНДАИ БУЗУРГ РАСИД



***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 31 январ аз пажўҳишгоҳҳое, ки дар кўчаи Олимлари шаҳри Тошканд воқеъ гаштааст, боздид намуд.***

Дар ин ҳудуд чандин пажўҳишгоҳҳои самтҳои гуногун амал мекунад.

Соли 2020 дар мамлакатамон Соли рушди илм, маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ эълон гаштааст. Роҳбари давлат дар Муроҷиатномаи худ ба Олий Маҷлис мақсадҳои гузоштаро таъкид намуда, ба ногузирии рушди ҳамасолаи чандин самти илмӣ ишора намуд.

Соли ҷорӣ фаъолсозии тадқиқотҳои фундаменталӣ ва амалӣ дар соҳаҳои математика, кимиё, биология ва геология, ба вуҷуд овардани тамоми шароити ногузир барои олимон ба нақша гирифта шудааст.

Дар айни замон чор муассисаи низоми Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон оид ба геология ва захираҳои минералӣ — Донишкадаи геология ва геофизика, Донишкадаи гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ, Донишкадаи маъданҳои фоиданок, Донишкадаи геология ва иктишофи конҳои нафту газ бо корҳои илмӣ-тадқиқотӣ шуғл меварзанд.

Бо ташаббуси сарвари давлат дар заминаи ин донишкадаҳо як донишгоҳи замонавӣ таъсис дода мешавад, ки он ба як маҷмааи ягона табдил хоҳад ёфт.

Президент Шавкат Мирзиёев санги рамзии кампуси донишгоҳи замонавии ояндаро гузошт.

Ин муассиса шакли кластери таълимии илмӣ мегирад. Пойгоҳи моддиву техникӣ ва зарфияти кадррасонии илмии чор донишкада муттаҳид карда шуда, бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз мегарданд. Дар ҳоли ҳамкорӣ бо Донишгоҳи маъдании кўҳии Санкт-Петербург ва дигар муассисаҳои бонуфуз барномаи таълимӣ тартиб дода хоҳад шуд.

Барои фаҳмидани аҳамияти донишгоҳи нав як мисол: дар мамлакатамон ҳар сол бисёр конҳо ифшо карда мешаванд. Доир ба азнавкоркарди ашёи хоми онҳо корхонаҳои нав бунёд мегарданд. Аммо ба иллати норасоии кормандон аз ҷумлаи кадрҳои маҳаллӣ дар онҳо, ки техникаи замонавиро идора карда тавонанд, захираҳои маъданӣ бо ҳамкории мутахассисони хориҷӣ азхуд карда мешаванд. Дар натиҷа зарур мегардад, ки қисми зиёди канданиҳои фойданокро ба онҳо диҳем.

Аз ин нуқтаи назар донишгоҳи нав дар тарбияи мутахассисоне, ки дар саноати маъдании кўҳ кор хоҳанд кард ва бо дастовардҳои охирини геология мусаллаҳ мегарданд, аҳамияти муҳим хоҳад дошт.

Роҳбари давлат бо ходимон, олимон, муҳаққиқони ҷавони институтҳои илмиву тадқиқотӣ суҳбат орост.

— Як замон дар Ўзбекистон соҳаи геология рушд карда, илми рақобатпазир буд. Таҷрибаи мутахассисони моро олимони бисёр давлатҳо қабул карда буданд. Аммо дар сӣ соли охир ба ин соҳаи илм эътибор кам гардид. Зарфияти ғунгардида аз даст рафт. Олимони соҳа рағбатнок нагардиданд, дар кор ба самти муҳим соҳиб нагардиданд. Дар айни ҳол тадқиқотҳои геологӣ барои тамоми соҳаҳои иқтисодиёт зарур аст. Тавре ки бе донистани ташхис беморро имкони муолиҷа кардан нест, мисли ҳамон бе геология саноатро тараққӣ додан имконнопазир аст. Имрўз мо ба муассисаи илмӣ пойдевор мегузорем, ки барои рушди ин соҳа зербино мегардад, — гуфт Шавкат Мирзиёев.

Роҳбари давлат бо лоиҳаҳои сохтмони Донишгоҳи илмҳои геологӣ шинос гардид. Дар бобати сохтмони биноҳои таълимӣ ва лабораторияҳо бо назардошти таҷрибаи хориҷӣ ва махсусияти касб, босамар истифода намудани майдонҳо супоришҳо дод.

Президент ба Кумитаи давлатии геология ва захираҳои минералӣ ташриф оварда, бо олимон, муҳаққиқони ҷавон, роҳбарони муассисаҳои илмию тадқиқотӣ, намояндагони соҳаи истеҳсолӣ мулоқот кард.

Дар мамлакати мо ба рушди илм диққати махсус дода мешавад, ки он имсол мувофиқи унвони соли 2020 боз ҳам тақвият дода мешавад. Ҳалли масъалаҳои мубрами соҳа ва тавсеаи дастгирии корҳои илмию тадқиқотӣ дар назар аст. Аз ҷумла, муассисаҳо ва самтҳои нав ташкил карда мешаванд.

29 октябри соли 2019 Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи илм ва фаъолияти илмӣ» қабул шуд. Барои ташкили платформаи амалии татбиқи қонун Шўрои ҷумҳуриявӣ оид ба илм ва технологияҳо ташкил карда шуд.

Шумораи муассисаҳои тадқиқотии назди Академияи илмҳо аз 20 то 35 афзоиш ёфт. Интихобот ба академия аз нав оғоз карда шуд. Вазорати рушди инноватсия ташкил карда шуда, фаъолияти як қатор марказҳои инноватсионӣ, кластерҳои илмӣ ва паркҳои технологӣ ба роҳ монда шуданд.

Дар се соли охир маблағгузории соҳаи илм чор маротиба афзоиш ёфтааст. Ба мақсади рағбатноксозии моддии кормандони илмӣ микдори музди меҳнати онҳо се баробар зиёд карда шуд. Барои докторантҳо ва номзадҳои илм кўмакпулии алоҳида ҷорӣ карда шуданд. Аз соли ҷорӣ инҷониб ташкилотҳои низоми Академияи илмҳо мустақиман аз ҳисоби Буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Дар ҷамъомади имрўза сарвари давлат қайд кард, ки дастгирии моддию маънавии олимон пайваста идома хоҳад ёфт.

— Ҳоло олимони мо масъулияти худро амиқ дарк намуда, бояд бо таҳқиқоти илмӣ шуғл варзанд ва натиҷаҳои амалиашон ба рушди соҳаҳои дахлдор саҳми муносиб гузоранд. Ҳам аз олимони обрўманд ва ҳам аз ҷавонон, ки дар соҳаи илм қадами нахустини худро мегузоранд, фаъолнокии баланд ва самарабахшии воқеӣ тақозо карда мешавад, — гуфт Президент.

Оид ба дурнамои илми математика, кимиё, биология ва геология дар кишвари мо мулоқоти кушод баргузор шуда, самтҳои рушди ин илмҳо дар солҳои оянда муайян карда шуданд.

Роҳбари давлат алоҳида таъкид кард, ки потенсиали илми математикаи ўзбекӣ дар ҷаҳон арзиши баланд дорад, дар мамлакатамон оид ба таҳлили функсионалӣ ва муодилаҳои дифференсиалӣ, назарияи эҳтимолият ва алгебра мактабҳои бонуфуз ташкил карда шудаанд, ҳафт нафар олимони математик узви Академияи илмҳои ҷаҳонӣ мебошанд.

Якҷоя бо марказҳои илмии хориҷӣ, аз ҷумла донишгоҳҳои пешрафтаи Бонн, Кембриҷ, Париж ва Сеул лоиҳаҳои зиёди илмӣ-тадқиқотӣ амалӣ мешаванд.

Тибқи қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон дар бораи рушди минбаъдаи таълими математикӣ ва илмӣ аз 9 июли соли 2019 дар ҳудуди шаҳраки донишҷўёни Тошканд дар асоси талаботҳои замонавӣ бинои нави Донишкадаи математикаи Академияи илмҳо сохта мешавад.

Зимни мулоқот Шавкат Мирзиёев ба вазифаҳои таъхирнопазири дар амал ҷорӣ кардани натиҷаҳои таҳқиқоти математикӣ, фароҳам овардани заминаи боэътимоди иқтисодиёти рақамӣ ишора кард.

(Давомаш дар саҳ.2).

**Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.**

# ЭҲТИРОМИ БАЛАНД БА ХОТИРАИ ИСЛОМ КАРИМОВ

***Дар мамлакати мо ба муносибати зодрўзи Нахустин Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ислом Каримов чорабиниҳои хотиравӣ баргузор гардиданд.***

Президент Шавкат Мирзиёев 30 январ ба Маҷмўаи ёдгории илмиву маърифатии ба номи Ислом Каримов ташриф овард ва ба пояи муҷассамаи Нахустин Президент гул гузошт.

Нахустин Президенти мамлакати мо Ислом Каримов ватандўсти ҳақиқӣ, арбоби бузурги давлатӣ ва сиёсатмадори хирадманд буд. Ба туфайли ташаббус ва ҷасорати ў Ўзбекистон истиқлолияти худро ба даст овард ва ҳамчун давлати мустақили демократӣ дар миқёси байналхалқӣ эътироф гардид.

Нахустин Президент намунаи олии ба халқ ва Ватан хидмат карданро нишон дод. Хидматҳои Ислом Каримов дар таъмини сулҳу субот дар мамлакати мо, рушди иқтисодиёти ватанӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ бебаҳо мебошанд. Аз ин рў, Нахустин Президент дар қалби ўзбекистониҳо мавқеи мустаҳкам ишғол карда, на танҳо дар Ўзбекистон, балки дар тамоми ҷаҳон ҳурмату эҳтироми бузург пайдо кард.

Бо эътибор ва қарори дахлдори Президент Шавкат Мирзиёев хотири Нахустин Президент абадӣ гардонда, ба ў эҳтиром гузошта мешавад. Дар санаи 30 январ ҷашн гирифтани зодрўзи ў ба анъанаи нек табдил ёфт.

Тавре ки сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев қайд намуд, дар сатҳи баланд ҷашн гирифта шудани ин сана нишонаи эҳтиром ба таърих ва истиқлолияти мо, шаҳодати фарҳанги халқу миллат мебошад.

Сураҳо аз Қуръони Карим қироат карда шуданд. Фаъолияти гуногунҷанба, сифатҳои наҷиби Ислом Каримов ба ёд оварда шуд.

Дар маросими гузоштани гулҳо намояндагони Маъмурияти Президент, аъзои парлумон ва ҳукумат, арбобони илм ва фарҳанг, зиёиёни эҷодкор ва аҳли ҷомеа ширкат варзиданд.

Худи ҳамон рўз дар Самарқанд, ки дар он Ислом Каримов ба дунё омада, ба воя расида ва ба хоби абадӣ рафтааст, зодрўзи писари бузурги халқи мо васеъ ҷашн гирифта шуд. Намояндагони ҷомеа ба маҷмўи ёдгорӣ – мақбараи Ислом Каримов ташриф оварданд.

Ба пояи муҷассамаи Ислом Каримов дар назди майдони Регистон гулҳо гузошта шуданд.

Ба муҷассамаи Нахустин Президент дар шаҳри Қаршӣ гулҳо гузошта шуданд.

Чорабиниҳои фарҳангиву маърифатӣ, шабҳои хотирмон дар тамоми минтақаҳои кишвар баргузор шуданд.

**ЎзА.**

*Муносибат*

# ИСЛОҲОТИ ДЕМОКРАТӢ ҚАФО НАМЕГАРДАД

***Муроҷиатномаи Президент ба Олий Маҷлис ба маънои том воқеаи калони таърихӣ мебошад. Дар он самтҳои рушди Ўзбекистон на фақат дар соли равон, балки дарояндаи наздик аниқ ифодаи худро ёфтааст. Бисёр масъалаҳое, ки дар Муроҷиатнома бардошта шудаанд, дар натиҷаи вазифаҳои устуворе, ки муайян шудаанд, бо он аҳамиятноканд, ки ба таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон нигаронида шудаанд.***

Дар Муроҷиатнома алоҳида таъкид мегардад, ки роҳбарони ҳамаи зинаҳо аз паи фоизҳо, рақамҳо ва коғазҳо натохта, барои ҳар як шаҳрванд, баҳри таъмини манфиатҳои ҳаётии онҳо кор карданашон шарт.

Он соҳаҳои гуногуни ҳаёти мамлакатамонро фаро гирифтааст. Пеш аз ҳама, сиёсати дохилӣ ва берунии мамлакатамон, вазъияти мавҷудаи иҷтимоию сиёсӣ, марраҳое, ки 3 соли охир забт шуданд, васеъ таҳлил ва сарҳисоб карда шуданд ва дар ҳамин асос вазифаҳои стратегӣ дар роҳи баланд бардоштани нуфузи мамлакат ва ба давраи нав бардоштани иқтидори он вазифаҳо пеш гузошта шуданд.

(Давомаш дар саҳ.2).

***Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон Танзила Норбоева 29 январ бо роҳбари намояндагии Хазинаи СММ дар соҳаи аҳолишиносӣ (ЮНФПА) дар Ўзбекистон Ю Ю вохўрд.***

# МАСОИЛИ МУҲИМИ АҲОЛИШИНОСӢ БАРРАСӢ ГАРДИДАНД

Дар мулоқот масоили ташаккули оилаи солим, таъмини баробарии гендерӣ ва рафъи зўроварӣ нисбати занон баррасӣ шуд.

Роҳбари дафтари ЮНФПА дастовардҳои Ўзбекистонро дар самти паст кардани сатҳи фавт дар байни модарон ва кўдакон ва беҳбудии некўаҳволии оилаҳо қайд кард. Вай инчунин ба дастовардҳои мамлакати мо дар баланд бардоштани фаъолнокии иҷтимоию сиёсии занон ва нақши онҳо дар идоракунии давлатӣ, таъмини баробарии гендерӣ, сиёсати ҷавонон ва ноил гардидан ба ҳадафҳои рушди устувор эътибор дод.

Ба ташкили барўйхатгирии аҳолӣ дар Ўзбекистон, ҷорӣ намудани омори гендерӣ баҳои мусбат дода шуд. Қабули қонунҳо "Дар бораи кафолатҳои баробарҳуқуқӣ ва имкониятҳои занон ва мардон" ва "Дар бораи ҳимояи занон аз зулм ва зўроварӣ", иҷрои корҳои амалӣ оиди бо манзил таъмин кардани занони эҳтиёҷманд ва пешниҳоди қарзҳои мақсаднок барои таъмини шуғли онҳо алоҳида эътироф шуд. Омодагии ЮНФПА дар расонидани кўмак ба Ўзбекистон дар ин масъалаҳо садо дод.

Дар фарҷоми мулоқот ҷонибҳо оид ба татбиқи лоиҳаҳои муштарак бинобар таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаҳои мутақобилан судманд, таҳияи стратегияи гендерӣ, ҳифзи саломатии модару кўдак, барўйхатгирии аҳолӣ ва ташаккул додани парлумони ҷавонон ба мувофиқа расиданд.

**С. РАҲИМОВ, мухбири ЎзА.**

# ИНЪИКОСИ СТРАТЕГИЯИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР МУРОҶИАТНОМА

***24 январи соли 2020 дар соҳаи маърифатҷўӣ бо эълон гардидани Муроҷиатномаи Президент ба Олий Маҷлис стратегияи бемислу монанд ба майдон омад. Соли илм, маърифат ва рушди иқтисодиёти рақамӣ эълон гардидани соли 2020 дар дилу дида равшанӣ овард.***

Тамоми фаъолиятро иқтисодиёти рақамӣ муайян менамояд. Ҷиҳати бартарии иқтисодиёти рақамӣ он аст, ки барои ба хубӣ донистани нархи навои маҳсулоти хўрокворӣ, зироат, сабзавот, пахта, ғалла, инчунин, воқиф гаштан аз натиҷаҳои соҳибкориву сармоядорӣ имкониятҳои ахборӣ-электрониро ба майдон меорад. Бино ба санади Муроҷиатнома дар соли 2020 1 млн. нафар ҷавонони компутердону барномасоз тайёр карда мешаванд. Албатта, ин амали нек аст. Ҷавонони барномасоз ҳар чи қадар бисёртар бошанд, фаъолияти иқтисодиёти рақамӣ ҳамон қадар пеш меравад. Афзалияти хидмати электронӣ дар он аст, ки масофаи дурро наздик мегардонад. Маълумот ва ҳуҷҷатҳои назардоштаро дар лаҳзаву сонияҳо ба масофаи дахлдор дастрас менамояд.

Президент Шавкат Мирзиёев моро хотирнишин намуд, ки ба масъалаи таълиму тарбия, маърифатомўзӣ бефарқ набошем. Бо дархосту ҷонибдории Президент бори аввал дар кишварамон Вазорати таълими томактабӣ кушода шуд. Он аз рўзи аввал бо таълиму тарбияи фарзандони ояндадор шуғл меварзад. Дар кишварамон бори аввал муассисаҳои таълими томактабии давлатӣ, иловагӣ, хусусӣ ташкил карда шуданд. Дар давоми ду сол корҳои ба таҳсин лоиқ иҷро гардиданд. Аз Муроҷиатнома бармеояд, ки қабул ва ҷалб намудани кўдакон ба муассисаҳои таълими томактабӣ нисбат ба пештара дучанд афзуда, фарогирӣ ба 60 фоиз мерасад. Соли ҷорӣ барои амалӣ гардондани матлаби мазкур 1,8 триллион сўм аз ҳисоби маблағи буҷа ҷудо карда мешавад. Кўдакони дусола ба кўдакистон қабул карда мешаванд. Кўдакони шашсола ба мактаб тайёр карда мешаванд.

Зинаи дуюми маърифатҷўӣ мактаб аст. Дар вақти муроҷиат ба халқ хотирнишин гардид, ки дар соли 2020 аз ҳисоби маблағи буҷа (1,7 триллион сўм) 36-то мактаб аз нав сохта, 211-то мактаб пурра таъмир карда мешавад, 55-то мактабҳои хусусӣ ташкил мегарданд. 348-то мактабҳои такягоҳ бо барномаҳои замонавӣ, ахборӣ-технологӣ фаъолияташонро давом медиҳанд. Бо кўмаки мутахассисон дастурҳои нав, китобҳои нав ба чоп омода карда мешавад. Илова бар ин, дар оянда 540-то мактаби ҳунаромўзӣ, 147-то коллеҷ, 143-то техникум ташкил карда мешавад. Ин гуна чораву пешбиниҳо бароиояндаи фарзандон мебошад, ки Президенти кишвар дақиқназарона ба онҳо эътибор додааст.

Дар кишвар «Мактабҳои Президент» рўз аз рўз меафзоянд. Усули таълим ва тарбия дар «Мактабҳои Президент» аз дигар мактабҳо куллан фарқ дорад. Фарқи аввал, дар як синф 8-12 нафар донишомўз таҳсил мегирад, аммо дар мактабҳои ҳамагонӣ 25 нафар ва аз он зиёд аст. Донишомўзони «Мактабҳои Президент» ба ғайр аз забони модарӣ забонҳои хориҷӣ, воситаҳои ахборӣ-электрониро ба дараҷаи бояду шояд меомўзанд.

Зинаи сеюм таълими пас аз хатми мактабу коллеҷ – таълими мактаби олӣ мебошад. Дар соли 2020 адади донишгоҳу донишкадаҳо зиёд мегардад. Дар шаш равияи бакалавр таълими сесолаи мактаби олӣ ташкил карда мешавад. Таҷрибаи мазкур дар ташкил кардани равияи томактабӣ ва кадрҳои соҳибихтисос натиҷаи дилхоҳ хоҳад дод. Квотаҳои буҷавӣ 2 баробар, шартномавӣ 25 фоиз, минбаъд 50-60 фоиз зиёд мегарданд. Аз нақшаҳои таълим фанҳои ғайритахассусӣ хориҷ карда мешаванд. Дар айни замон донишҷўён бо омўзиши фанҳои тахассусӣ кам машғул мешаванд. Муаммои мазкур дар соли 2020 бо аз нав кор кардани нақшаҳои таълим бартараф карда мешавад. Довталабон ва хатмкунандагони мактаби таълими ҳамагонӣ то ҳуҷҷатсупорӣ ба донишгоҳу донишкадаҳо аз фанни забон ва адабиёт тест супорида, ҳуҷҷати роҳхатиро мегиранд, ки дар вақти ба донишгоҳ ҳуҷҷат супоридан нусхаи ҳамон ҳуҷҷатро пешниҳод кунанд, кифоя аст. Дар соли хониши 2020-2021 мисли солҳои хониши пештара довталаб дар кўчаи бероҳагӣ ва сарсонӣ намемонад.

**Таваккал ЧОРИЕВ, депутати Палатаи қонунофарии Олий Маҷлис, узви Кумитаи мудофиа ва бехатарӣ.**

# ТАЪРИХИ МО БУЗУРГ АСТ, ФУРСАТИ БУНЁД НАМУДАНИ ОЯНДАИ БУЗУРГ РАСИД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Зарурати пурзўр гардондани шавқу рағбати ҷавонон ба математика, ташкили дурусти кор оид ба интихоби кўдакони лаёқатманд ва ҷалби онҳо ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ таъкид ёфт. Вазифаи офаридани китобҳои дарсии бачагона ва аёниятҳо оид ба математика, ки ба забони фаҳмо ва маъмул навишта шудааст, ташаккул додани тафаккури риёзӣ аз синни хурдсолӣ, дар кўдакистонҳо гузошта шуд.

— Математика асоси ҳамаи илмҳои дақиқ мебошад. Кўдаке, ки математикаро хуб медонад, оқил ба воя мерасад ва қодир аст дар ҳама соҳаҳо бомуваффақият кор кунад, — гуфт Президент.

Супориш дода шуд, ки дар ҳар як маркази ноҳия мактаби самти фанни математика ташкил карда шавад ва ба омўзгорони чунин муассисаҳои таълимӣ иловапулиҳо дода шавад. Институти математикаи Академияи илмҳо ва Вазорати таълими халқ ҳамчун масъули таъминоти илмӣ ва методии мактабҳо муайян карда шуданд.

Муҳим будани гузаронидани озмунҳои гуногуни математикӣ дар байни хонандагон, донишҷўён ва омўзгорон, муносиб ҳавасманд гардондани ғолибони чунин мусобиқаҳо, такмил додани тартиби баргузор кардани олимпиадаҳо қайд гардид.

Зарурати ба сатҳи нав баровардани сифати таълим, ҷорӣ намудани системаи миллии сертификатсияи баҳодиҳии дониши математикӣ таъкид гардид. Ба соҳибони сертификат бинобар математика холи максималӣ ҳангоми дохил шудан ба донишгоҳ дода мешавад.

Зикр гардид, ки самарабахшии тайёр кардани педагогҳои баландихтисос ва кадрҳои дорои дараҷаи илмиро баланд бардошта, ба Шўрои оид ба додани додани унвонҳои илмӣ дар Институти математика мустақилияти комил дода шавад.

Оиди дар кишвар баргузор намудани конфронсҳои байналмилалӣ оид ба математика, ҳар сол ба хориҷа барои иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, коромўзӣ фиристодани 100 нафар олимон аз ҳисоби маблағи Буҷаи давлатӣ ва бинобар хати фонди «Эл-юрт умиди» супориш дода шуд.

Имрўз дар Ўзбекистон 4 пажўҳишгоҳи соҳаи кимиё фаъолият нишон дода, дар онҳо зиёда аз 250 нафар кормандони илмӣ кор мекунанд. Дар асоси коркардҳои онҳо истеҳсоли намудҳои нави нуриҳо, дефолиантҳо, стимуляторҳои растанӣ ба роҳ монда мешавад.

Президент қайд намуд, ки саноати кимиё танҳо бо истеҳсоли нуриҳои минералӣ маҳдуд аст, аз ин рў бояд кори таълимӣ ва илмиро дар ин самт такмил дод.

Муҳимияти баланд бардоштани самаранокии амалии коркардҳои илмӣ, мутобиқ кардани таҳқиқот ба эҳтиёҷоти корхонаҳои саноатӣ қайд гардид.

Ба зиммаи ҷамъиятҳои саҳҳомии «Ўзкимиёсаноат» ва «Ўзбекнефтегаз» вазифаҳои дар корхонаҳои бузурги соҳавӣ ташкил кардани лабораторияҳои озмоишии истеҳсолӣ бо инфрасохтори муосир, Вазорати рушди инноватсионӣ ба ҳамгироии илм ва истеҳсолот равона намудани фаъолияти ин лабораторияҳо вазифаҳо гузошта шуданд.

Бо мақсади баланд бардоштани самарабахшии истифодаи захираҳои маъданӣ супориш дода шуд, ки дар Донишкадаи кимиёи умумӣ ва ғайриорганикии Академияи илмҳо лабораторияи илмию таҷрибавии «Кимиёи ангишт ва маводҳо», самтҳои илмии «Кимиё ва технологияи ангишт» ташкил карда шавад.

Зарурати ташкил кардани муассисаҳои илмии нав оид ба созмон додани масолеҳи замонавии бинокорӣ, аз ҷумла, шабакаи лабораторияҳо, ки ба таҳқиқоти маводи нави композитсионӣ ва технологияҳои инноватсионии кимиёвӣ тахассус доранд, зикр гардид.

Биология асоси бунёдӣ ва технологии рушди дорусозӣ, кишоварзӣ, тиб ва саноати хўрокворӣ мебошад.

Айни замон 7 муассисаи илмию тадқиқотӣ, ки ҳудуди 600 нафар кормандони илмӣ доранд, ба ин соҳаи илм ҷалб карда шудаанд.

Президент тамоюлҳои мушоҳидашавандаи бозори ҷаҳонӣ ва илми байналмилалиро қайд намуда, супориш дод, ки технологияи кишоварзӣ ва биотехнология, аз ҷумла, фидо-миксилми хўрокворӣ, биомедитсина ва биотехнологияи дорусозӣ ҳамаҷониба ривоҷ дода шаванд.

Муҳим будани омўзиши таркиби хўрок ва таъсири он ба саломатӣ, қарор додани тарзи ҳаёти солим ва хўрокхўрии дуруст дар байни аҳолӣ зикр ёфт.

Оид ба такмил додани фаъолият, мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии Донишкадаи ботаника вазифаҳо муайян шуданд.

Зарурати созмон додани кадастри давлатии рақамии олами наботот ва ҳайвоноти Ўзбекистон таъкид ёфт. Ин имкон медиҳад, ки тадқиқоти илмиро ба нақша гиред, тадбирҳои муҳофизати биологиро муайян кунед, оид ба рушди соҳа қарорҳои муҳим қабул кунед.

Оид ба рушди ДНК-и технологияҳои молекулярӣ дар тибб ва дорусозӣ, тавсеаи истифодаи таҳлили генетикӣ, биоматериалҳо ва биополимерҳои нав, ба роҳ мондани ҳамкориҳои муассир байни пажўҳишгоҳҳо ва истеъмолкунандагони потенсиалӣ супориш дода шуданд.

Соҳаи дигари афзалиятнок ин геология мебошад, ки бевосита бо таъминоти саноат бо пойгоҳи маъданиву ашёи хом алоқаманд аст.

Дар мамлакати мо беш аз 2 ҳазор конҳои зиёда аз 70 намуди канданиҳои фоиданок кашф карда шудаанд. Аммо, конҳое, ки ба осонӣ азхуд карда шаванд, кам мегарданд.

Худи вақт зарурати омўзиши амиқи геологии қаъри замин, азхуд кардани конҳои таркибашон мураккабро тақозо менамояд, ки дар навбати худ истифодаи васеи усулҳои пешқадами илмӣ ва технологияҳои инноватсиониро талаб мекунад.

Маҳз бо ин мақсадҳо дар Тошканд Донишгоҳи илмҳои геологӣ таъсис дода мешавад.

Сарвари давлат қайд кард, ки барои минбаъд васеъ гардондани таҳқиқот дар ин соҳа бояд таҳқиқоти бунёдӣ, амалӣ ва инноватсионӣ тақвият бахшида, ба ин на танҳо грантҳои давлатӣ, балки хориҷӣ низ ҷалб карда шаванд.

Вазифа гузошта шуд, ки нерўи илмҳои геологӣ ва комбинатҳои маъдани кўҳиро муттаҳид намуда, лабораторияи замонавии технологияҳои геоинноватсионӣ ташкил карда шаванд.

Оид ба ҷорӣ кардани технологияҳои муосири иттилоотӣ, татбиқи лоиҳаҳои «Геологияи рақамӣ» ва «Пойгоҳи миллии электронии сангҳои кўҳӣ ва канданиҳои фоиданок», ба донишҷўён омўзондани усулҳои масофавии санҷиши замин дар асоси аксҳои баландсифати кайҳонӣ супоришот дода шуданд.

Муҳимияти дастгирии тадқиқотчиёни ҷавон ва ҳавасмандгардонии самаранокии докторантҳо таъкид гардид.

Бо мақсади муносиб ҳавасманд кардани докторантҳо, ки рисолаҳои худро пеш аз муҳлат дифоъ кардаанд, инчунин роҳбарони илмӣ ё ки мушовирон пешниҳод шуд, ки таҷрибаи пардохти пурраи маблағҳои сарфашуда ҷорӣ карда шавад.

Ба шахсони масъул супурда шуд, ки консепсияи рушди илмро то соли 2030 таҳия намуда, барои рушди илмӣ, технологӣ ва инноватсионӣ дар дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуддат чораҳои зарурӣро пешбинӣ намоянд.

— Таърихи мо бузург аст, ҳоло фурсати бунёди ояндаи бузург расид, — гуфт Президент.

Зимни мулоқот масъалаҳое муҳокима гардиданд, ки дар самтҳои гуногуни илм ҳалли худро мунтазиранд.

Роҳбарон, академикҳо, муҳаққиқони ҷавони муассисаҳои илмӣ-тадқиқотии Академияи улум, донишҷўёни муассисаҳои таълими олӣ дар вохўрӣ баромад намуда, таъкид карданд, ки зимни мулоқоти таърихии баргузоргардида масъалаҳои пураҳамияти соҳаи илм баррасӣ гардиданд, ки барои тараққиёти мамлакат муҳиманд ва онҳо пешниҳодоти худро дар заминаи инкишофи фанҳои дақиқ, васеъ намудани тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаҳои математика, кимиё, биология ва геология, дастгирии фаъолияти илмии олимон, ба дараҷаи сифатан нав баланд бардоштани кор дар бобати тарбияи кадрҳои баландмалака баён намуданд.

Роҳбари давлат ба шахсони масъул бо назардошти пешниҳодоте, ки олимон ва ҷавонон иброз намуданд, супоришҳои дахлдор дод.

**ЎзА.**

# ИСЛОҲОТИ ДЕМОКРАТӢ ҚАФО НАМЕГАРДАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

«Соли рушди илму маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ» эълон шудани соли 2020 дар тараққии илму маърифат, равнақи он дар асоси технологияҳои нав аҳамияти муҳим касб менамояд. Зеро, бе ривоҷ додани илму фан тасаввур карда нашудани ояндаи дурахшон айни ҳақиқат аст. Агар хоҳем, ки фардои мо бузург ва фаровон бошад, бояд ба рақамноксозии иқтисодиётамон ва тамоми соҳаҳо гузарем.

Рушди технологияи рақамнок баробари пешравӣ дар барҳам задани коррупсия ҳиссаи муносиб мегузорад. Ғайр аз ин, сифати маҳсулот ва хизмат хуб шуда, ин барои фуровардани арзиши аслӣ, умуман, дар тамоми ҷабҳаҳо ба афзудани самаранокӣ, дар ниҳояти кор бошад, барои боз ҳам беҳсозии шароити зиндагии одамон хизмат менамояд.

Дар маърўза Шавкат Мирзиёев ба иллате, ки рушди ҷамъиятро бозмедорад – коррупсия алоҳида истода гузашт. Таъкид кард, ки ин иллатро решакан насохта, ягон соҳаро ривоҷ дода наметавонем. Вай зарурияти аз «ваксинаи ҳалолӣ» баҳрабардории роҳбарони ҳамаи дараҷаҳоро қайд кард. Ҳақиқатан ҳам сафарбарсозии тамоми қувва алайҳи ин иллат яке аз вазифаҳои долузарби имрўз ба шумор меравад.

Дар Мурожиатнома як қатор масъалаҳо вобаста ба фаъолияти эҷодкории қонун низ акси худро ёфтанд. Аз ҷумла, оиди таҳияи наздик даҳ қонун ва барномаҳои давлатӣ, нав сохтани ҳуҷҷатҳои қонунии амалкунанда таклифҳои амалӣ пеш гузошта шуд.

Роҳбари мамлакат зарурияти рушди таълимро низ алоҳида таъкид кард. Дар таълим вақти гардиши қатъӣ фаро расид, гуфт Президент. Аз ин боис, барои ноил шудан ба тараққиёт технологияҳои рақамнокро пурра фаро гирифтан шарт. Зеро имрўз тамоми кишварҳои пешқадам барои барпои иқтисодиёти рақамнок ҳаракат карда истодаанд.

Дар Мурожиатнома ба масъалаи назорати ҷамоатӣ эътибор нигаронда шуд. Президент бо мақсади боз ҳам пурзўрсозии назорати ҷамоатӣ, барпои ҳамкории наздик байни давлат ва ҷамъият таклифи ташкил кардани Палатаи ҷамоатии Ҷумҳурии Ўзбекистонро пеш гузошт. Таъсис ёфтани ин гуна орган оянда байни тамоми созмонҳои ғайридавлатию ғайритиҷоратӣ ва идораҳои давлатӣ кўпруки ба худ хос мегардад.

Дар Мурожиатнома ба масъалаи шахсоне, ки дар Ўзбекистон зиста, шаҳрвандӣ надоранд, эътибор нигаронида шуд. Ба қабул шудани қонун «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Ўзбекистон» 28 сол гузашт ва он ба талаботи имрўз ҷавоб намедиҳад.

Ба ҳамин муносибат таклиф гузошт, ки то 1 майи соли равон қонуни нав кор карда баровардa шуда, ба шахсоне, ки то соли 1995 ба мамлакат омадаанд ва аз ҳамон вақт дар диёрамон муқим ҳаёт ба сар мебаранд, ба тарзи автоматӣ ҳуқуқи шаҳрвандӣ дода шавад. Ин таклифи хеле муҳим буда, дар натиҷаи амалӣ шудани он наздик 50 ҳазор нафар ҳамдиёронамон муаммоҳои солҳо боз ҳалнашудаи вобаста ба шаҳрвандиро ҳал карда метавонанд.

Роҳбари мамлакат дар атрофи 12-15 фоиз қарор доштани дараҷаи камбағалиро бори аввал кушоду равшан маълум кард ва дар вазъе, ки ба ҳалли ин масъалаи долузарб эътибор менигаронд, ба даромади доимӣ таъмин сохтани ночорҳо,бо ин восита дар ҷамъият кам гардонидани камбағалиро ба сифати вазифаи устувор муайян намуд. Вай қайд намуд, фақат тавассути кўмаки иҷтимоӣ муаммои камбағалиро ҳал карда намешавад. Лозим аст байни оилаҳои камтаъмин рўҳи соҳибкорӣ бедор, майли дохилии онҳоро ба шуғл пурзўр карда шавад. Аз рўи офаридани ҷойҳои нави корӣ зарурияти ба амал баровардани сиёсати маҷмўии иқтисодию иҷтимоиро таъкид кард.

Мо, депутатҳо, аз Мурожиатнома барои худ вазифаҳои зиёдро муайян намудем. Ростӣ, баъзе ғояҳое, ки дар маърўза бардошта шуданд, барои мо чун чизи тамоман нав садо доданд ва дар даврае, ки ваколати навамон оғоз меёбад, ба қалбамон рўҳи нав бахшид.

Барои мо, аввало, ба қабул карда шудани ҳуҷҷатҳои қонуние, ки дар Мурожиатнома таклиф карда шудаанд, ноил гардидан, аз болои иҷрои Барномаи давлатии соли 2020, ки дар асоси Мурожиатнома қабул мегардад, назорати парлумониро самаранок пеш бурдан масъулияти калон аст.

**Қодир ЧЎРАЕВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

## Хабарҳо

### Такмили ихтисоси олимон ва кадрҳои педагогӣ

**Бахшида ба масъалаҳои истифодаи таҷрибаи пешқадам дар бозомўзии олимон ва кадрҳои педагогии муассисаҳои таълими олӣ бо иштироки экспертҳои ИМА анҷумани матбуотӣ баргузор гардид.**

Дар чорабиние, ки дар Маркази илмӣ-методии назди Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсус рўи кор омад, оиди лоиҳаҳои амалие, ки марбут ба ҳамкориҳо байни Ўзбекистон ва ИМА дар масъалаи таълими олӣ мебошанд, сухан ба миён омад. Рафти бозомўзию такмили ихтисоси устодону профессорони мактабҳои олӣ, шаклҳои таълими замонавӣ дар бакалавриат ва магистратура, ҳамкориҳои ҷумҳурии мо ва ИМА дар такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Ҳамчунин таъкид ёфт, тўли солҳои 2017-2019 дар 226 самт 1548 нафар роҳбарон, 19 ҳазору 98 нафар кадрҳои педагогӣ дар марказ бо бозомўзӣ фаро гирифта шуда бошанд, соли 2020 аз нав тайёр кардани 8221 нафар роҳбарон ва кадрҳои омўзгории масканҳои таълими олӣ ба нақша даромадааст. Аз ҷумла, барои такмили ихтисоси 1593 нафар усули масофавии таълим мавриди истифода қарор хоҳад гирифт.

### Қадамҳои нав дар роҳи оммависозии варзиш

**Вазорати тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар мавзўи «Самаранокии ислоҳоти соҳаи спорт ва вазифаҳои истиқболӣ дар соли 2020» брифинг оид намуд.**

Баромадкунандагон оиди масъалаҳое, ки ба тарғиб ва оммавӣ гардондани спорт дар ҷумҳуриамон марбут мебошанд, изҳори ақида намуданд. Корҳое, ки дар ин самт амалӣ гардиданд, сарҳисоб ва вазифаҳои мушаххасе, ки бобати равнақи варзиши оммавӣ дар назди масъулони соҳа, роҳбарони ташкилот ва федератсияҳо истодаанд, муайян карда шуданд. Барои соли 2020 бобати барпои объектҳои варзишӣ, аз таъмири куллӣ баровардан ва ҷиҳозонидани толор ва майдончаҳо, ривоҷ додани навъҳои варзиши зимистона нақшаҳо кашида шудаанд. Ҳамчунин гузаронидани ҳафтаи ҷавонон, ҳафтаи кишоварзӣ, ҳафтаи маҳалла ва нуроние́н, ҳафтаи муассисаҳои таълимӣ бо мақсади афзун сохтани сафи онҳое, ки мунтазам ба варзиш машғуланд, мавриди назар аст.

### Дар доираи панҷ ташаббуси муҳим

**Оиди ба ҳунарпешагони мардумӣ ва хизматнишондода вобаста карда шудани як қатор мактабҳои мусиқӣ ва санъати бачагона хабар дода будем. Робита дар ин самт торафт мустаҳкам мегардад.**

Чунончи, Ҳунарпешаи мардумии Ўзбекистон З.Суюнова, ки ба мактаби мусиқӣ ва санъати бачагонаи рақами 15-уми ноҳияи Чилонзори пойтахт масъул таъин шудааст, дар доираи панҷ ташаббуси аз ҷониби Президент пешниҳодшуда дар роҳи баркарор сохтани анъанаи устод-шогирд,ба насли ҷавон омўзонидани асрори мусиқӣ ва санъат, рағбатнок сохтани насле, ки давомдиҳандаи иҷрогарии миллӣ мебошанд, кўшиши зиёд ба харҷ медиҳад. Дар ин ҷо ў аз мактабе низ сабақ медиҳад, ки чеҳраи намоёни санъати мусиқию сарояндагӣ Ғаниҷон Тошматов ташкил карда буд.

### Муаррифии асари дедективӣ

**Дар Китобхонаи миллии ба номи А.Навоӣ маросими муаррифии китоби нависанда ва ҳуқуқшинос Комил Синдоров «Қотилии шабона» баргузор гардид, ки дар он аъзои Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон, адабиётшинос ва ҳуқуқшиносон, китобхонҳои ҷавон ва вакилони ВАО иштирок намуданд.**

К.Синдоров асосан асарҳои дедективӣ менависад. «Хатое, ки гарон афтод», «Асрори китобхонаи Темуриён», «Ниқори дершуда» барин китобҳояш маҳбубият пайдо кардаанд.

«Қотилии шабона», ки соли 2019 нашриёти «Янги аср авлоди» ба табъ расондааст, низ дар ҳамин мавзўст. Дар кушодани гиреҳҳои ҷиноӣ аз усулҳои аҷиб истифодабарии муфаттишони додситонӣ Фахриддин ва Санҷарбек дар асар қаламӣ шудааст.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

## Корхонаи нав

# ДАР КОРХОНАИ МУШТАРАК ДОРУВОРИ ВАТАНӢ ИСТЕҲСОЛ МЕШАВАНД



Тиб соҳаи бағоят мураккаб ва масъул аст. Моро он чиз хурсанд мекунад, ки шоҳид, баъзан иштирокдори ислоҳоти оид ба навсозӣ ва пешрафти Ўзбекистони татбиқшудаистода мебошем. Дар муассисаҳои тиббӣ барои аҳолӣ шароит ва имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварда мешаванд, муносибати шифокорон ва ҳамшираҳои тиббӣ нисбат ба беморон беҳтар мегардад.

Чунин суханонро метавон оид ба рушди соҳаи дорусозӣ ҳам иброз дошт.

Чунончи, соли гузашта 41 корхонаи нави дорусозӣ бунёд гардида, миқдори умумии чунин муассисаҳо ба 191 адад расид, ҳаҷми истеҳсолот бошад, нисбат ба соли 2018-ум 1,5 баробар афзуд. Дар 8 минтақаи озоди иқтисодӣ, ки ба дорусозӣ тахассус доранд, 18 иқтидорҳои нави арзиши умумиашон 84 миллион доллар ба кор шурўъ карданд, истеҳсоли 600 хели дорувор ва беш аз 50 намуди маснуоти тиббӣ ба роҳ монда шуд.

Бинобар ақидаи мутахассисон ҳанўз талаботи бозори дохилӣ пурра қонеъ гардонида нашудааст. Бо назардошти ин Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев дар машварате, ки 15 ноябри соли 2019 бахшида ба таҳлили татбиқшавии корҳо оид ба рушди соҳаи дорусозӣ ва бо воситаҳои доруворӣ таъмин кардани аҳолӣ, ҳамчунин баррасии вазифаҳои афзалиятноки пешомад баргузор намуд, вазифаҳои бартаринокро ба самти мазкур муайян кард. Аз ҷумла, бобати ташаккул додани номгўйи хелҳои нави маҳсулоти азхудшуда, коркарди лоиҳаҳои пешомадноки муштарак бо корхонаҳои азими дорусозии Ҳиндустон, Русия, Украина, Чин, Венгрия, Булғория ва Словакия супоришҳо дода шуданд.

Дар доираи татбиқ сохтани вазифа ва супоришҳое, ки аз ҷониби Президенти мамлакат ҳангоми боздидаш аз минтақаҳо дода шуданд, Оҷонсии оид ба рушди соҳаи дорусозӣ, Вазорати сармояҳо ва савдои хориҷӣ, инчунин созмонҳои дигари масъул корҳои самарабахшро татбиқ мекунанд. Робитаҳои шарикӣ бо давлатҳое, ки дар онҳо саноати дорусозӣ инкишоф ёфтааст, ба роҳ монда мешаванд, бо иштироки сармоягузорони хориҷӣ корхонаҳои нав бунёд мегарданд.

– Чанд сол муқаддам дар яке аз анҷуманҳои байналхалқӣ, ки дар Ҳиндустон баргузор шуд, ҳайати Ўзбекистон чандин муаррифӣ ва вохўриҳоро амалӣ намуд, ки ҷолибияти сармоягузории кишвари шуморо намоиш доданд, – мегўяд директори генералии корхонаи муштараки ўзбекистониву ҳиндустонӣ «Serene Healthcare» Сатиш Виджайварги. – Дар пояи муоҳидае, ки он вақт ба имзо расид, дар Тошканд корхонаи муштараки «Serene Healthcare» ба кор сар кард. Мо доруворро дар шакли ампула ва моеъ истеҳсол мекунем.

Сатиш Виджайварги таъкид сохт, ки Ўзбекистон дар маркази Осиёи Миёна ҷойгир шудааст, бинобар ҳамин ҳам маҳсулотеро, ки дар ин ҷо истеҳсол мешаванд, ба бозори кишварҳои ҳамсоя содир кардан мувофиқтар аст.

Ҳоли ҳозир дар Маркази давлатии экспертиза ва стандарткунонии воситаҳои доруворӣ, маснуоти таъиноти тиббӣ ва техникаҳои тиббии Оҷонсии оид ба рушди соҳаи доруворӣи назди Вазорати нигаҳдории тандурустии Ҷумҳурии Ўзбекистон ҷараёни ба қайдгирии воситаҳои дорувориe, ки дар корхонаи муштараки «Serene Healthcare» истеҳсол шудаанд, идома дорад. Баъд аз анҷом ёфтани ин ҷараён, яъне пас аз ба охир расидани санҷишҳои дахлдори табобатии ин воситаҳои доруворӣ корхона бо иқтидори пурра ба кор сар мекунад.

Ба роҳ мондани фаъолияти корхонаи муштараки «Serene Healthcare» дар оянда барои афзудани миқдори доруворӣ ватанӣ дар бозори дохилӣ саҳми бузург хоҳад гузошт.

**Моҳигул ҚОСИМОВА,**
**хабарнигори ЎзА.**
**Суратгир: О. ҒУЛОМОВ (ЎзА).**

# ҲАМКОРИҲО ДАР ИСТИФОДА АЗ ОБЪЕКТҲОИ ОБИИ ТРАНСҲУДУДӢ

***Дар Вазорати хоҷагии об таҳти мавзўи «Дар истифодаи оби дарёҳои трансҳудудӣ чораҳое, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Ўзбекистон ба амал бароварда мешаванд» брифинг баргузор гардид.***

Дар он роҳбарони вазорати номбурда, депутатҳои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, намояндагон аз як қатор масканҳои таълими олӣ ва созмонҳое, ки марбут ба хоҷагии об мебошанд, вакилони расонаҳои хабарии хориҷӣ ва маҳаллӣ иштирок намуданд.

Вазири хоҷагии оби Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш. Ҳамроев баромад ва зикр намуд, ки масъалаи якҷо идора сохтан ва самаранок истифода кардан аз захираҳои оби трансҳудудӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамеша аҳамиятнок шуда омадааст. Вай афзуд, об – синоними калимаи ҳаёт, омили муҳими баркарории иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Ба меъёр ва принсипҳои ҳуқуқи байналхалқии об риоя сохта, Ўзбекистон соли 2007 ба Конвенсияи байналхалқии об ҳамроҳ шуд. Мамлакати мо, ҳамчунин, дар барпо ва ташаккули Бунёди байналхалқии наҷоти Арал нақши ҳалкунанда бозид.

Дар як муҳлати кўтоҳ, бинобар ҳамҷиҳат ба ҳалли масъалаи об саъй намудани роҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ, муҳити тозаи сиёсӣ дар минтақа офарида шуд.

Тавре маълум аст, 24 августи соли 2018 дар шаҳри Авази Туркманистон Саммити сарони давлатҳо - созмонҳои Бунёди байналхалқии наҷоти Арал (ББНА) бо иштироки президентҳои Ҷумҳурии Ўзбекистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистон баргузор гардид. Масъалаҳои солимии экологии дарёҳои умумии Осиёи Марказӣ ва муаммои Арал мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев як қатор ташаббусҳо нишон дода, барои пешгирии ҳалокати экологӣ ва беҳсозии вазъ Наздиаралро минтақаи инноватсионӣ ва технологӣ эълон намуд. Роҳбари давлати мо, айни замон, ғояи якҷо ба таври оқилона ва сарфакорона аз захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ истифода намуданро пеш гузошт.

Дар натиҷаи фаъолияти гурўҳи кории муштарак байни Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Ҷумҳури Қазоқистон тўли ду соли охир бисёр масъалаҳои тезутунд марбут ба муносибатҳои обӣ ҳаллу фасл ёфтанд. Чорабиниҳои муштарак имкон доданд дарёи Сир баҳри боз ҳам беҳтар бо об таъминсозии майдонҳои кишт воқеъ дар ду ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор ёбад. Ба обанбори «Баҳри тоҷик» воқеъ дар Тоҷикистони шимолӣ, ки низ ҳолати ногувор дошт, шохобҳо аз водии Фарғона, минҷумла, обанбори Андиҷон гузаронида шуданд. Тавассути канали «Дўстлик», ки аз дарёи Сир сарчашма гирифтааст, як қатор майдонҳои кишти Қазоқистон обёрӣ карда мешавад.

Бо мақсади якҷо идора ва самаранок истифодабарӣ аз захираҳо ва объектҳои оби трансҳудудӣ байни Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Ўзбекистон қарордоди байниҳукуматӣ оиди якҷо идора ва истифода сохтани объектҳои обии трансҳудудӣ кор карда бароварда мешавад.

Мехоҳем дигарбора ҳамҷамъияти ҷаҳонро бовар кунонем, ҷумҳурии мо дар баробари беҳсозии вазъи мелиоративии худ баҳри баланд шудани дараҷаи обёрӣ ва таъмини об дар ҷумҳуриҳои ҳамҷавор саъй ба харҷ медиҳад, яъне ҳаракатҳоямон ба манфиати тамоми давлатҳои минтақа нигаронида шудаанд, гуфт вазири хоҷагии оби Ҷумҳурии Ўзбекистон дар фуровардани сухан.

Пасон ў ба саволҳои мухбирони хориҷӣ ва маҳаллӣ бинобар масъалаи истифода аз захираҳои оби трансҳудудӣ ҷавоб гардонд.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

Ба пешвози солгарди зодрӯзи Алишер Навоӣ

# НАВОӢ – ШОИРИ ДУ ХАЛҚ

Дар асрҳои XV-XVI дар Осиёи Марказӣ ва Хуросон ҳаёти илмию фарҳангӣ ва адабӣ пеш рафт. Дар ин давра шаҳрҳои Самарқанд ва Ҳирот аз марказҳои илму адаб ва фарҳанги давраи мазкур муаррифӣ шудаанд. Дар рушду нумӯи адабиёти бадеии ин давра мавқеи ҳарду шаҳр босазо аст. Алалхусус, мактаби адабии Ҳирот, ки сарвари он Абдураҳмони Ҷомӣ буд, дар таърихи адабиёти форс-тоҷик ҷойгоҳи худро дорад.

Дар ин давра адибони ҷавон ба Ҳирот барои таҳсил меомаданд ва аз имтиҳони адибони бузург – Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ мегузаштанд.

Бояд таъкид кард, ки дар мактаби адабии Ҷомию Навоӣ анъанаи зуллисонайнӣ авҷ гирифт. Бисёр шоирон ба ду забон – тоҷикию ӯзбекӣ шеър мегуфтанд, ки сарвари онҳо Алишер Навоӣ буд.

Алишер Навоӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ таҳсил карда, забонҳои арабӣ ва тоҷикиро хеле хуб медонист. Азбаски ӯ ба ду забон шеър мегуфт, ҳамзамононаш унвони зуллисонайнро дода буданд. Навоӣ бо маслиҳати пиру устодаш Ҷомӣ, баробари дар адабиёти туркӣ-ӯзбекӣ навоварӣ кардан, анъанаи бузурги хамсанависиро идома дод. То замони Навоӣ ба забони туркӣ-ӯзбекӣ офаридани асарҳои калонҳаҷми фалсафӣ, ахлоқӣ, ишқӣ ва монанди инҳоро имконнопазир мешумориданд. Навоӣ бошад, бори аввал нодуруст будани ин натиҷагириро исбот кард ва дар пайравии Низомию Амир Хусрав ва Ҷомӣ "Хамса"-и худро офарид. Дар ин хусус худи Навоӣ мефармояд:

*Ман, ки дар ин роҳ ниҳодам қадам,*
*Ҳаст умедам, чу бигирам қалам.*
*Роҳбарӣ карда Низомӣ маро,*
*Ёр шавад Хусраву Ҷомӣ маро.*

Аз намунаҳои ашъори тоҷикии ӯ бармеояд, ки хусусияти назми адабиёти тоҷикро хеле хуб медонист, барои ҳамин як қисми асарҳояшро бо ин забон офарид.

Яке аз асарҳои соф бо забони тоҷикӣ навиштаи Навоӣ "Тӯҳфат-ул-афкор" мебошад, ки аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа хеле баланд буда, дар ҷавоби "Луҷҷат-ул-асрор"-и Ҷомӣ ва "Дарёи аброр"-и Амир Хусрави Деҳлавӣ навишта шудааст.

Амир Хусрави Деҳлавӣ:

*Кӯси шаҳ холию бонги ғулғулаш*
*дарди сар аст,*
*Ҳар кӣ қонеъ шуд ба хушку тар,*
*шаҳи баҳру бар аст.*

Абдураҳмони Ҷомӣ:

*Кунгури айвони шаҳ, к-аз кохи кайвон*
*бартар аст,*
*Рахна дорад, к-он ба девори ҳисори*
*дин дар аст.*

Алишер Навоӣ:

*Оташин лаъле, ки тоҷи хисравонро*
*зевар аст,*
*Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан*
*дар сар аст...*
*Хоҷа дил дар ваҷҳу сар афканда*
*пеш аз фикри худ,*
*Садр аз баҳри тамаъ биншаста чашме*
*бар дар аст...*
*Воизу томеъ гадои нон бувад*
*фарқаш кам аст,*
*К-ин ба зери минбар омад,*
*он фарози минбар аст.*
*Тухми расвоӣ диҳад бар донаи*
*тасбеҳи зарқ,*
*Оре, оре, дона ҷинси хешро*
*боровар аст.*

Абдураҳмони Ҷомӣ ба ин қасидаи Навоӣ баҳои бисёр баланд медиҳад. Навоӣ дар ин асараш фикру мулоҳизаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва панду ахлоқии худро баён кардааст. Аз нуқтаи назари Навоӣ хоҷа – марди фақир, оддӣ ва меҳнаткаш буда, аз пайи зиндагии худ мебошад, вале садр – соҳибмансабу танпарвар, ҳамеша чашмаш ба дар аст, ки аз касе чизе тамаъ дорад.

Афкору андешаи Алишер Навоӣ имрӯз низ қимати худро гум накардаанд. Шоир баъзе воизонро дар қатори тамаъкорон мегузорад. Аммо фарқ дар он аст, ки воизон болои минбару дигарон поёни минбаранд.

Ҳамин тавр, дар қасидаи мазкур Навоӣ афкори сиёсию иҷтимоӣ ва панду ахлоқии хешро баён карда, ба Амир Хусраву Абдураҳмони Ҷомӣ ҷавоби муносиб гуфта тавонистааст.

Таъкид кардем, ки Ҷомӣ дар баробари дӯст, пиру устоди Навоӣ буд. Маҳз бо ташвиқу тарғиби ӯ Навоӣ асарҳои бузургашро бо забони туркӣ-ӯзбекӣ иншо кард. Навоӣ аз аввалин шахсонест, ки асарҳои устодаш Ҷомиро ба забони туркӣ-ӯзбекӣ тарҷума карда, тозагии каломи лутфомези ӯро нигоҳ доштааст.

Дӯстии Ҷомию Навоӣ тимсоли дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек мебошад, ки онҳо солҳои сол бо садоқат умр ба сар бурда, роҳату машаққат, талхиву ширинии зиндагиро қисмат кардаанд, касбу ҳунарро якҷоя рушду камол бахшидаанд.

Ҷомӣ дар "Юсуф ва Зулайхо" дар бораи Навоӣ фармудааст:

*Муборак бар шаҳу аркони давлат,*
*Ғазанфарҳайбатони шерсавлат...*
*Вале дар коргоҳи одамият,*
*Ҷуз ӯ кам ёфт роҳи маҳрамият.*

Дар "Лайлӣ ва Маҷнун" дар ҳаққи Навоӣ мегӯяд:

*Ёре, ки кунад ба ёр пайванд,*
*Нахли амалаш шавад барӯманд...*
*Коре набувад ба ҷойи ин кор,*
*Ёрони ҷаҳон фидои ин ёр.*

Дар "Хираднномаи Искандарӣ" овардааст:

*Ба туркизабон нақше омад аҷаб,*
*Ки ҷодудамонро бувад мӯҳри лаб...*
*Ту додӣ дигарбора ин обрӯй,*
*Кашидӣ ба ҷавлонгаҳи гуфтугӯй...*

Навоӣ дар "Ҳайрат-ул-аброр" дар сифати Ҷомӣ фармудааст:

*...Меҳри ӯ офоқро гар нур шуд,*
*Зарра аз ин меҳри ӯ машҳур шуд.*

Дар "Лайлӣ ва Маҷнун" дар васфи Ҷомӣ ба чунин абёт вомехӯрем:

*Ӯро лақабе чу мавҷаи нур,*
*Бо нури вуҷуд кунад ҷаҳон пур.*
*Номист ба номи Абдураҳмон,*
*Овоза вале ба Ҷомиаш дон...*

Дар "Сабъаи сайёр" дар бораи Ҷомӣ гуфтааст:

*Баҳравар аз он вилоди одам аст,*
*Зилли иршоди тамоми олам аст.*
*Баҳра ҳам аҳли ҳушу ҷоме барад,*
*Ҳам Навоӣ баҳра аз Ҷомӣ барад.*

Дар "Садди Искандарӣ"-и Навоӣ дар васфи Ҷомӣ омадааст:

*Чун аз он сармоя коме мерасад,*
*Бодае аз васли Ҷомӣ мерасад.*
*Хешро бо Ҷомӣ созад ҷуръакаш,*
*Ҳарф ронад сархушу девонаваш.*

Навоӣ пас аз вафоти Ҷомӣ бисёр андӯҳгин мешавад ва марсияҳои зиёд менависад. Илова бар ин, Навоӣ дар муддати кӯтоҳ асари "Хамсат-ул-мутаҳаййирин"-ро иншо карда, ба хотираи устодаш мебахшад.

Сатре чанд аз марсияи Навоӣ бар вафоти Ҷомӣ:

*Эй ҳарими ҳарами қурби илоҳӣ ҷоят,*
*Тарафи ҷаннати фирдавс куҷо*
*парвоят.*
*Тӯтиёни ҳарами қудс ба дил муштоқат,*
*Булбулони чамани унс ба ҷон шайдоят.*
*Нуҳ фалак чархзанон омада бар*
*атрофат,*
*Буда гӯё ба сари ҳар як аз он*
*савдоят...*

**Санҷар ҲИСОМОВ,**
**омӯзгори мактаби миёнаи таълимоти ҳамагонии рақами 2-юми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.**

Суҳбати мо бо ҳокими ноҳияи Элликқалъа Сейдамат Авезов баъди баргузории конфронси байналмилалӣ таҳти унвони "Элликқалъа– маркази сайёҳӣ" ба вуқӯъ пайваст. С. Авезов баъди хатми донишгоҳ аз зинаҳои пасти роҳбарӣ то мақоми ҳокими ноҳия ва депутати Ҷуқорғи Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон расидааст. Аз ҷараёни суҳбат бо вай ҳувайдо буд, ки шахси фурӯтан, хоксор ва камсухан мебошад.

# ЭЛЛИКҚАЛЪА БОСУРЪАТ РИВОҶ МЕЁБАД

**Қабл аз ҳама пурсидам, ки дар бораи ноҳияи Элликқалъа каме маълумот ироа кунад.**

– Ноҳия соли 1977 ташкил ёфтааст ва майдони умумии он 5,41 ҳазор километри мураббаъ мебошад. Аҳолии он 158 ҳазор нафар буда, дар 36 ҷамоати шаҳрвандон иттиҳод бастаанд. Ноҳия бо чӯли Қизилқум, чанд ноҳияи вилоятҳои Хоразм ва Навоӣ, ҳамчунин ноҳияҳои Амударё, Берунӣ, Тӯрткӯл ва Тахтакӯпири Қароқалпоқистон ҳаммарз мебошад,– ба суҳбат ҳусни оғоз бахшид Сейдамат Авезов.

Яке аз вазифаҳои асосии мо ривоҷ додани кишоварзӣ, чорводорӣ ва туризм мебошад, ки барои боло рафтани иқтидори иқтисодии ноҳия хеле мусоидат хоҳанд кард. Самараи саъй ва ҳаракатҳоямон буд, ки соли гузашта ҳаҷми маҳсулоти содиротиамон хеле афзуд ва барои имсол иҷрои корҳои зиёдеро барномарезӣ кардаем.

Барои соли 2019 мебоист дар ивази дастикам ду миллион доллар содир намудани маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзиро ба роҳ монем. Аммо натиҷагириҳои охири сол нишон дод, ки ин рақам наздик ба севуним миллион доллар расидааст. Афзоиши ҳаҷми моводи содиротӣ ба он далел сурат гирифтааст, ки эҳтиёҷ ба ин мавод аз тарафи ҳамкорони хориҷӣ зина ба зина боло рафтааст.

Мо маҳсулоти худро ба Хитой, Куриёи Ҷанубӣ, Туркия, Сингапур, Русия ва Қазоқистон содир мекунем.

**– Дар ноҳияи Элликқалъа майдонҳои кишти васеъ ва доманфарох**



**хеле зиёд ба назар мерасанд. Дар баъзе минтақаҳо чунин менамояд, ки ин майдонҳои кишт беохиранд, ё не?**

– Қаламрави Қароқалпоқистон аз рӯйи саҳм дар масоҳати умумии кишварамон 43 дарсадро ташкил медиҳад. Ноҳияи Элликқалъа низ ба ҳайси як ҷузъи ин ҷумҳурӣ соҳиби майдонҳои васеъ ва имкониятҳои фаровон мебошад. Барпо кардани ҳазорҳо гектар ангурзор ва дар заминаи он бунёд намудани корхонаи машрубот аз нақшаҳое маҳсуб меёбад, ки роҳандозии он иқтидори иқтисодии ноҳияи моро хеле мустаҳкам хоҳад кард. Гузашта аз ин, ҳоло бо ҷалби мустақими сармояҳои хориҷӣ, ки наздики 8 миллион доллари амрикоиро ташкил мекунад, якчанд корхонаи муштарак оғоз ба фаъолият кардаанд.

Вай илова намуд, ки ҳоло дар ноҳияашон бо ҷалби сармояҳои мустақими хориҷӣ якчанд корхона арзи вуҷуд намудааст. Аз ҷумла, сармоягузорони Курияи Ҷанубӣ корхонаҳои истеҳсоли оҳаки "Bustan Lime stone", ҶММ "Қароқалпоқ агро импекс"– Гидропоника, "Muing Song Plason" CO LTD– ро сармоягузорӣ намуданд. Ҳамчунин корхонаи муштараки истеҳсоли бинт ва маҳсулоти тиббии Ӯзбекистон– Эстония ба номи "Elikkala medical textile" арзи вуҷуд кардааст, ки барои пешрафти иқтисодиёт нақши муҳим мебозанд .

Сармоягузорони Британияи Кабир, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Полша, Хитой ва амсоли он низ дар таъсис ва бунёди корхонаҳо ва ҷамъиятҳои саҳҳомии масъулияташон маҳдуди Элликқалъа саҳм гирифтаанд. Дар пояи корхонаи ҷамъияти масъулияташ маҳдуди пахтатозакунии Элликқалъа корхонаи "Boston Cluster" бунёд гардид, ки дар Қароқалпоқистон корхонаи ягонаи кластер муаррифӣ шудааст. Дар он 275 нафар коргарон кор мекунанд.

Ҳангоми сохтани ин корхонаҳо тақрибан 8 миллион доллари амрикоӣ сармояҳои мустақими хориҷӣ ҷалб карда шуданд.

**– Бар асоси барномаи "Деҳаи обод", "Маркази обод" дар ноҳияи Элликқалъа кадом корҳо амалӣ шуданд?**

– Баъзе қисмати роҳҳои мошингарди мо даҳсолаҳо ба ин сӯ тармим нашудаанд. Хусусан, дар фаслҳои сармо ва гармо ҳаракати нақлиёт ба воситаи ин роҳҳо мушкилоти зиёд эҷод мекард. Мо корҳои ободониро аз тармими роҳҳо шурӯъ кардем. Ҳоло дар 29 километри ин гуна қисматҳои роҳ корҳои шағалрезӣ ба анҷом расиданд. Дар се ҷамоати шаҳрвандон корҳои ободонӣ ва тармими роҳ бо суръати баланд идома доранд. Дар соли 2020 ду миллиард сӯм ҷудо шудааст, ки баъзе қисматҳои роҳҳои дохилиро низ аз тармим барорем. Дар се соли охир шароити кору зиндагӣ дар ҷамоатҳое, ки беш аз бист ҳазор аҳолӣ доранд, хеле беҳбуд ёфтааст.

Дар бахши кишоварзӣ низ ноҳия ба дастовардҳои зиёд ноил шудааст. Соли гузашта кишоварзон ба 11 ҳазор гектар чигит кишта, беш аз бисту панҷ ҳазор тонна ашёи хом ба даст оварданд.

Истифода аз усули кластер хеле фоида овард. 233 хоҷагии фермерӣ ба ин кластер муттаҳид шуданд ва аз нахи ашёи хоми истеҳсолкардаашон барои корхонаи бофандагӣ 4 ҳазор тонна калоба истеҳсол карданд. Баъди истифодаи ин усул ба таври илова 200 ҷойи нави кор фароҳам оварда шуд. Ҳоло дар худи Элликқалъа аз пахта матоъҳои ҷинс бофта, бо дасти дӯзандагони моҳир либосҳои занонаву мардонаро барои муштариёни зиёд пешкаш мекунем.

Дар кишоварзӣ бидуни истифодаи техникаи замонавӣ корҳо пеш намераванд. Аз тариқи Ҷамъияти саҳҳомии "Ӯзагролизинг"-и Қароқалпоқистон бар ивази 1 миллиарду 200 миллион сӯм 21 адад техникаи хоҷагии қишлоқро харидем. Соли гузашта ба 3 ҳазору 350 гектар ғалла коштем ва 58,8 сентнерӣ ҳосили аълосифат рӯёндем. Аз 19 ҳазору 700 тонна 9,8 ҳазор тоннаи он барои эҳтиёҷи давлат супурда шуд. Кишти тирамоҳии ғалларо моҳи сентябри соли гузашта ба итмом расонидем ва 15 октябр кишти ғалла саросар неш зада баромад.

Сохтмони хонаҳои намунавӣ ва арзон низ дар ноҳияи Элликқалъа хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Гуфта мешавад, соли гузашта сохтмони беш аз 15 ҳазор квартираҳои ду-се утоқӣ ва аз ин шумор 11 ҳазору 70-тои он барои оилаҳои камбизоат ҷудо карда шудааст. Тибқи нақшаи соли 2020 дар деҳот 30 адад хонаҳои якошёнаи сеутоқа бо 2 сотих замини наздиҳавлигӣ, сето бинои чаҳорқабатаи 2-3 хонагӣ сохта, ба истифода супурда хоҳад шуд.

Дар маркази ноҳия – шаҳри Бӯстон мактаби кӯдаконаи мусиқӣ ва санъати рақами 18 сохта шудааст. Сохтмони ин бино 2 миллиарду 800 миллион сӯмро тақозо намуд. Барои муҷаҳҳаз сохтани он наздики 2 миллиарду дусад миллион сӯм маблағ харҷ гардид.

Муроҷиати Президенти мамлакат ба парлумони кишварро аз тариқи оинаи нилгун тамошо карда, ба чунин натиҷа расидам, ки дар назди мо ҳанӯз вазифаҳои калон ва ҳалли мушкилоти зиёди мардум меистанд. Иҷрои нақшаҳо тақозо менамояд, ки уфуқҳо ва имкониятҳои наву тозаро ҷустуҷӯ намоем ва ҳарчи бештар фаровонии халқамонро таъмин кунем. Чун дар мо ривоҷи туризм ва сохтани инфрасохтори он хеле ногузир мебошад, бояд ба ҷалби ҳарчи бештари сармояҳои хориҷӣ ҷиддан иқдом намоем. Дарояндаи наздик ноҳияи мо аз рӯйи истеҳсоли маҳсулот, ривоҷи туризм дар Қароқалпоқистон ва берун аз он яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол хоҳад кард.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**
*ТОШКАНД – ЭЛЛИКҚАЛЪА – ТОШКАНД.*

Бо ташаббуси ҳокимияти вилояти Сирдарё дар шаҳри Гулистон мактаб-интернати ба фанҳои математика ва физика ихтисосонидашудаи "Сирдарё – Қарокӯл" кор сар кард.

# ДАР ГУЛИСТОН МАКТАБ-ИНТЕРНАТИ "СИРДАРЁ – ҚАРОКӮЛ"

Ба мактаб хонандагон дар асоси санҷишҳои тест қабул карда мешаванд, ки ин кор дар арафаи баанҷомрасӣ аст.

Дар мактаб-интернат муаллимони моҳири касби худ бо услуби Мактаби байналхалқии математикаи Бухоро дарс мегузаранд. Мувофиқи реҷа имсол мактаб-интернат аз сафи хонандагони синфҳои 7, 8, 9, ва 10-ум 150 нафарро қабул мекунад. Мақсади ҷамоа тайёр кардани шогирдонест, ки онҳо сад фоиз ба мактабҳои олӣ дохил шаванд.

– Ташаббуси имрӯзаи ҳокимияти вилояти Сирдарё, – гуфт директори мактаб-интернати «Бухоро – Қарокӯл» Темир Рӯзиев,– гӯё ҷавобест ба даъвати Муроҷиатномаи Президенти кишвар. Зеро амиқ ва ҳамаҷониба ба омӯзонидани фанҳои математика, физика, химия ва биология талабест, ки онро ба таъхир гузоштан нашояд.

**Т. БОҚИЕВ,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**
*Вилояти СИРДАРЁ.*

Гиромидошт

# Ёдбуди шоир

Яке аз ёдгориҳои бузурги адабиёти тоҷик ва умуман адабиёти мардуми форсизабон, ки аз талотуми ҳодисаҳои таърих осеби сахте дидааст, адабиёт ва махсусан назми асри X аст, ки баъд аз истилои қариб сесадсолаи араб бо забони нави форсии дарӣ ба вуҷуд омада буд. Дар асри X яке аз бузургтарин ва намоёнтарини шоирон Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ буд. Рӯдакӣ бо санъати баланди сухан ва ҷойгоҳи олии мазмуну мундариҷаи эҷодиёташ чун қуллаи тобон дар адабиёт аз тамоми ҳамзамононаш баландтар меистод, ӯ «Маликушшуаро»-и дарбори Сомониён, ба қавли шоири асри X Маъруфии Балхӣ «Султони шоирон»-и давр буд. Ӯ дар жанрҳои асосии адабиёти давр – қасидаву ғазал, қитъаву рубоӣ, достонҳои ишқиву романтикӣ, маснавиҳои ахлоқиву тарбиявиаш аз саромадони давронаш буд. Ҳам аз ҷиҳати гуногунии жанрҳои шеър ва ҳам аз рӯйи ҳаҷми осор ҳеҷ шоире ба дараҷаи устод Рӯдакӣ нарасидааст. Ва аз ин сабаб аст, ки Рашидии Самарқандӣ – шоири асри XII дар бораи устод Рӯдакӣ навиштааст:

*Гар сарӣ ёбад ба олам кас ба некӯшоирӣ,*
*Рӯдакиро бар сари он шоирон зебад сарӣ.*
*Шеъри ӯро ман шумурдам сездаҳ раҳ сад*
*ҳазор,*
*Ҳам фузун ояд, агар чунон ки бояд*
*бишмарӣ.*

Дар ин ҷо ҳам ба мақоми олии шоирӣ баҳои шоистае дода шудааст ва ҳам ҳаҷми бузурги мероси адабии шоир баршумурда шудааст.

Абёти бузургонро на танҳо дар зодрӯз, ҷашнвора ва ё ягон санаи муҳим ба ёд бояд овард, балки месазад ҳар рӯзу ҳар соат барои тарбияи насли наврас аз онҳо истифода бурд.

Бо ҳамин мақсад Маркази милливу фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ шаби ёдбуди шоирро баргузор кард. Дар он шоиру нависандагон, олимон, донишҷӯён ва ҳаводорони каломи бадеъ иштирок карданд.

Таъкид намуданд, ки ягон хонандаи тоҷик нест, ки аз ашъори Рӯдакӣ байте надонад, зеро қасидаву ғазал ва байтҳои шоир бо соддагӣ, равонӣ ва аз панду ахлоқ саршор буданашон ба дили хонанда роҳ ёфтаанд. Хонандагони мактаби рақами 9-уми деҳаи Навободи ноҳияи Бӯка аз ғазалу қасидаҳои шоир порчаҳо қироат карданд:

*Бӯйи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,*
*Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.*
*Реги Омуву дурушти роҳи ӯ,*
*Зери поям парниён ояд ҳаме...*

Таъкид гардид, ки бо ташаббуси роҳбари давлат соли равон Соли рушди илму маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ номида шуд. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ низ хонандаашро ба омӯхтани илму маърифат даъват намудааст.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**



*Дар шаҳри Наманган бахшида ба масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии омӯзишу парвариш дар мактабҳо, ҳангоми таълими фанҳои таърих ва ҳуқуқ истифода аз технологияҳои нави педагогӣ, ҳамчунин, дар ҳаёти муаллимон ва донишомӯзон ифодаи амалии панҷ ташаббуси муҳиме, ки аз ҷониби Президент пешниҳод шудааст, семинари вилоятӣ баргузор шуд.*

*Дар чорабинӣ, ки дар мактаби таълими умумии рақами 7-уми шаҳр ташкил гардид, таҷрибаи педагогии муаллимони фанҳои дахлдори мактабҳои таълими умумии вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо оммавӣ гардонда шуда, дар он намояндагони пешқадами педагогҳо, ки бо мукофоти давлатӣ сарфароз гардонда шудаанд, ширкат варзиданд.*

***Дар сурат:** иштирокдорони семинар.*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ӮзА).***

Озмун

# «БА ЯК ХОНАНДА – 26 КИТОБ»

Бо ташаббуси Маркази захираҳои ахбори садорати таълими халқи вилояти Наманган дар амал тадбиқ кардани қисми чоруми панҷ ташаббуси Президент ба китобхонӣ даъват кардани донишомӯзон, корҳои тарғиботӣ ва чорабиниҳои дигар баргузор мегарданд.

Ба қарибӣ дар маскани маърифатии номбурда марҳилаи вилоятии озмун-азназаргузарони «Ба як хонанда – 26 китоб» баргузор шуд. Дар чаҳорчӯбаи озмун дар мактабҳои таълими умумии шаҳру ноҳияҳои вилоят дар марҳилаи саракунӣ қариб 5 ҳазор нафар иштирок намуданд. Аз онҳо 24 нафар ғолибони ноҳиявӣ дар марҳилаи вилоятӣ ширкат варзиданд.

Иштирокчиёни озмун аз рӯйи ду шарт маҳораташонро имтиҳон карданд. Бинобар шарти якум иштирокчиён дар зарфи 3 дақиқа аз адабиёти ӯзбек ва адабиёти ҷаҳон асарҳои мутолиакардаашонро номбар мекунанд.

Шарти дуюм мавзӯи озод буда, иштирокчиён дар 5 дақиқа аз рӯйи панҷ ташаббуси муҳим намоиши саҳнавиро пешкаш месозанд.

Дар ҷамъбасти озмун ҷойи якумро ҷамоаи мактаби таълими умумии рақами 38 ва 34-уми ноҳияи Поп Заррина Йигиталиева ва Аршиаъло Эсонбоев ба даст оварданд. Ҷамоаҳои донишомӯзони мактаби таълими умумии рақами 27-уми ноҳияи Мингбулоқ Муштарӣ Собирҷонова, Улуғбек Абдураҳмонов ва аз мактабҳои таълими умумии рақами 1 ва 21-уми ноҳияи Чортоқ Озода Ҷамолова, Муҳаммадқодир Ғойиббоев ҷойи дуюмро ба даст оварданд. Ҷойҳои сеюм ба ҷамоаҳо аз мактаби таълими умумии рақами 3 ва 16-уми ноҳияи Норин Диёра Ривоҷиддинова, Нодирбек Сайломиддинов ва ҷамоа аз мактаби таълими умумии рақами 22 ва 27-уми ноҳияи Косонсой Оҳиста Норбоева ва Диёрбек Тоҳирбеков насиб кард. Инчунин, якчанд нафар донишомӯзон дар номгӯҳои гуногун ғолиб баромаданд.

Иштирокчиёни озмун бо ифтихорнома ва туҳфаҳои Маркази захираҳои ахбори садорати таълими халқи вилоят сарфароз гардонда шуданд.

**А. МУРОДОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Наманган.**

Барномаи мобилии Портали ягонаи хадамоти интерактиви давлатӣ (ПЯХИД), ки махсус барои смартфон дар асоси пойгоҳи низоми амалиётии Android таҳия шудааст, технологияи хориҷшудаи аутентификатсия оид ба маълумотҳои биометрии Face ID ҷорӣ карда хоҳад шуд. Он қобилияти шинохтани шахсро дошта, ба шумо имкон медиҳад хадамоти электрониро дар шакли масофавии оддӣ ва қулай қабул кунед.

# Дар иловаи ПЯХИД Face ID истифода мегардад

Тибқи иттилои Агентии миллии идоракунии лоиҳаҳои назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, интизор меравад, ки ин технология на танҳо аз ҷониби ПЯХИД, балки инчунин дигар хадамоти дохилӣ барои муайян намудани шахси истифодабарандагон истифода шавад. Масалан, дар бахши бонкӣ кушодани корт бидуни боздид аз бонк имконпазир аст. Аз Face ID дар ҷойи дилхоҳ, ки ҳоли ҳузури шахс ва шиноснома талаб карда мешавад, истифода бурдан мумкин аст. Ҳамин тавр, соҳибони смартфонҳо дар пойгоҳи ОС Android метавонанд аз хидматҳои муайяни давлатӣ дар вақти дилхоҳ, бе тарк кардани хона ва бе боздид аз мақомоти давлатӣ истифода баранд.

Ҳоло дар ин барнома аллакай як қатор хизматрасониҳо, ки бе иштироки кормандони мақомоти давлатӣ расонда мешаванд, мавҷуд мебошанд. Дар байни инҳо – гирифтани огоҳинома дар бораи ҷарима барои вайрон кардани қоидаи ҳаракат дар роҳ ва маълумот дар бораи пасандозҳои нафақаи шахсии ғунгардандa ҳастанд. Соҳибони гаҷет инчунин метавонанд аз фосилаи дурдаст рақами андози худро муайян кунанд, дар бораи музди меҳнат ва пардохтҳои шахсӣ барои хидматрасонӣ маълумот гиранд.

Дар айни замон, таҳиягарони он бо васеъ гардондани шумораи хидматҳо ва офаридани муодили барнома барои смартфон барои ОС iOS шуғл меварзанд.

Face ID — сканери андозагирии чеҳраи инсон аст, ки онро ширкати Apple таҳия кардааст. Технологияи Face ID аз ҷониби ширкати Apple 12 сентябри соли 2017 ба сифати ивазкунандаи датчики дактилоскопии Touch ID пешниҳод шуда буд.

**Роман БОНДАРЧУК,**
**ӮзА.**

Китобиёт

# ДУНЁИ МАЛИКИ КАБИР

*Ин даҳр чу тосест нагун афтода,*
*Дар вай ҳама зиракон забун афтода.*
*Бар дӯстии шишаву соғар нигаред,*
*Лаб бар лабу дар миёна хун афтода.*

**Умари ХАЙЁМ**

Яке аз маъноҳои луғавии вожаи «дунё» пулу давлат, сарват ва симу зар аст, ки онро сарвати моддӣ низ меноманд. Мо намедонем Малики Кабир чӣ миқдор дунёи моддӣ дорад, вале имрӯз дунёи маънавиаш – китоби навиштаҳои ӯ бо номи «Субҳи вафо», ки нашриёти «Ўзбекистон файласуфлари миллий жамияти нашриёти»-и пойтахт ба дасти чоп додааст, пеши назари мост.




Китоб муаллифашро ба сифати олим, шоир, нависанда ва омӯзгор ба хонанда муаррифӣ менамояд. Воқеан, зода ва парвардаи деҳаи Бурчимуллои ноҳияи Бӯстонлиқ, номзади илмҳои филологӣ – Малики Кабир зиндагии ибратпазире дорад.

Масъалаҳои марбут ба забони тоҷикӣ дар ҳама зинаҳои фаъолият ӯро ҷалб намудаанд. Имрӯз низ, баъди ба нафақа баромадан, бо эҷоди бадеӣ ва таълифи мақолаҳои илмӣ доир ба масъалаҳои забони тоҷикӣ, таълифи китобҳои дарсӣ барои мактабиёни тоҷики ҷумҳурӣ ва тадқиқи паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти шоиру нависандагони классик ва муосири тоҷик машғул аст.

«Субҳи сафо»-и ӯ 75 ғазал 2 мураббаъ ва 7 шеъри бачагонаро дар бар мегирад. Назми Малики Кабир ба забони ҳол мегӯяд, ки ӯ дар баҳри пур аз дуру гавҳари назми форсӣ-тоҷикӣ ғаввосвор то ҷое фурӯ рафта, аз бузургон гирумон омӯхтааст, ҳар як ғазал ҳусни матлаъ ва мақтаъ, қофияҳои устувор ва обуранги бадеӣ доранд, барилова шоир аз вазни арӯз, ки бар асари бисёр шеър ёд кардан муяссар мегардад, вуқуфи комил дорад, муҳим он аст, ки дар сухани ӯ калимаҳои бемавқеъ истифодашуда ба рӯйи маънӣ парда намекашанд, он чи ки дар зеҳни гӯяндаашон сурат мегирад, пеши назари хонанда мунъакис мегардад. Яъне, ӯ эҳсосу авотиф ва андешаву афкори худро бо сухан пеши назари хонанда намуда метавонад, ки кори осон нест. Танҳо ба назари банда образҳое мисли «шаби ялдо», «бути бадкеш», «новаки мижгон», «лаъли шакархой», «наргиси шаҳло», «абрӯи камон», «сарви хиромон» нав нанамуданд. Дигар ҳама хубу ҳама соз аст. Ғазалҳо ба хонандаашон завқи бадеӣ бахшида метавонанд, онҳо шеъргуна нестанд, дур аз муҳити адабӣ бо сухан ин миқдор ҳунарнамоӣ на ҳар киро даст медиҳад. Ба тариқи мисол шаш сатри як ғазали ӯро, ки ба ватан андар ватан бахшида шудааст, меорем:

*Кӯтали шебу фароз аст саропо ватанам,*
*Пайраҳи дуру дароз аст ба ҳар ҷо ватанам...*
*Чашмаи оби зулолаш шуда ойинаи рӯ,*
*Соҳили наҳри дамон, домани дарё ватанам...*
*Роҳати боди мурод аст шифокори мариз,*
*Бурчимулло ватанам – ҷаннати дунё ватанам.*

Шеърҳои ба бачаҳо бахшидааш гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯ барои бачаҳо шеърҳои хуб навишта метавонад. Инак, ба тариқи мисол ду банд аз шеъри «Бобои деҳқон»:

*Рӯйи сурхи қурси нони мо,*
*Хайру баракати хони мо,*
*Ҳам анвои алвони мо,*
*Аз ту, бобои деҳқони мо...*

*Мартабаи шаҳри нони мо,*
*Шукӯҳи Ўзбекистони мо,*
*Файзи рӯйи дастархони мо,*
*Аз ту, бобои деҳқони мо.*

Вақте мо китоби зиндагиномаи нобиғагони илми форс-тоҷикро варақ мезанем, мебинем, ки онҳо дар баробари тадқиқу таҳқиқ дар бахши илм бо шеъру мусиқӣ ва ҳунари тасвирӣ низ сарукор доштаанд. Чунин ба назар мерасад, ки Малики Кабир низ даъвои шоирӣ надорад, сабаби даст ба шеър заданаш пайравӣ ба нобиғагони миллати тамаддунсозаш аст.

Китоб, ҳамчунин, 35 мақолаи муҳаққиқро доир ба масъалаҳои гуногуни забони тоҷикӣ ва осору ашъори шоиру нависандагони классик ва муосири форс-тоҷик дар бар мегирад. Ба тариқи намуна мо метавонем мақолаҳои «Забон ва услуби як ғазали Лоиқ», «Муродифоти ҷуфт дар очерки «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»-и Садриддин Айнӣ», «Таҷдиди назар ба «Имлои забони тоҷикӣ», «Нақши забон дар раванди вусъати ваҳдати миллӣ», «Тафсири як байти Хоҷа Ҳофиз», «Масъалаи қазову қадар дар як рубоии Умари Хайём»-ро ба забон гирем.

Инҷониб натиҷа гирифтам, ки забон ба посдорию парвариши ҳамешагӣ ниёз дорад, бояд мутахассисони соҳа ва соҳибзабонон сари талаффуз, тарзи навишт ва қонунияти ҳар як вожаи он биандешанд. Малики Кабир ин корро ба сифати як мутахассис хуб анҷом медиҳад. Чанд сол қабл дар яке аз шумораҳои рӯзномаи «Овози тоҷик» мақолаи ӯ таҳти номи «Таҷдиди назар ба «Имлои забони тоҷикӣ» эълон гардида буд. Муаллиф, аз ҷумла, дар мавриди «Имлои баъзе садоноку ҳамсадоҳо ва ҳиссаҳои нутқ» менигорад: «Калимаҳое, ки дар таркиби худ ҳамсадои «й» доранд... ҳангоми калимасозӣ ва иборабандӣ дар байни садонокҳо низ нигоҳ дошта мешаванд. Мисол: бой (бойигарӣ, бойи деҳа), най (найистон, найи чӯпонӣ), чой (чойи кабуд), лой (лойи часпак), мӯй (мӯйи сафед), рӯй (рӯйи зебо) ва ғайра» Воқеан, вожаҳои мазкур калимаҳои решагӣ буда, дар охир ҳамсадои «й» доранд ва қоидаи забон талаб мекунад, ки дар байни ду садонок (ҳангоми қабули «и»- изофӣ) нигоҳ дошта шаванд. Вале ба ин қоида ҳоло на ҳама риоя мекунанд...

Умуман, инҷониб тарафдори онҳоеам, ки мехоҳанд тоҷикон ба алифбои ниёгон баргарданд, зеро таҷриба нишон медиҳад, ки табиати алифбои кириллию лотинӣ бо табиати забони форсии тоҷикӣ намесозанд.

Баъди ошноӣ бо таълифоти илмӣ, шеър ва чанд масали насрии Малики Кабир натиҷа гирифтам, ки агар ӯ аз оғоз то анҷом ба сифати мутахассис дар ягон даргоҳи илм ё донишгоҳе кор мекард, ба омода кардани мутахассисон ва кадрҳои соҳибмалака саҳми бештар мегузошт. Таассуф, ки дар мо на ҳамеша ба мутахассисон арҷ мегузоранд. Ба фикрам, яке аз сабабҳои по ба пойи кишварҳои рушдкарда нарафтани мо низ ин аст.

Дар боло қайд намудем, ки Малики Кабир зиндагии ибратпазире дорад. Магар садоқат ба забони миллати худ, бо эҷоди шеър ва таълифоти илмӣ фурӯзон нигоҳ доштани чароғи он, дар муҳите, ки баъзе соҳибзабонон аз гуфтугӯ кардан бо он ор мекунанд, намунаи ибрат нест?

**А. СУБҲОН,**
**муҳаррири бахши адабиёт ва ҳунари «Овози тоҷик».**



*Гурӯҳи кории иборат аз шифокорони баландмалака таҳти роҳбарии роҳбари садорати ҳифзи тандурустии вилояти Фарғона Одилҷон Умаров ба деҳаи Чунғараи ноҳияи Риштон рафта, аҳолиро аз назорати амиқи тиббӣ гузаронд.*

*Дар натиҷаи муоинаи тиббӣ наздик ба сад нафар, ки бемориашон муайян шудааст, барои муолиҷа тавсия дода шуданд. Бо дарназардошти эҳтиёҷи солонаи Чунғара аз ҷониби раёсати ҳифзи тандурустии вилоят 350 миллион сӯм доруву дармон расонда дода шуд. Ба 10 нафар пиронсол ва ногиро ба сиҳатгоҳҳои «Олтиариқ» ва «Тавоқсой» роҳхатҳои ройгон дода шуд.*

***Дар сурат:** ҳангоми муоинаи тиббӣ.*

***Суратгир: М.ҚОДИРОВ (ЎзА).***

Андешаҳо

# «ЗОДРӮЗ МУБОРАК, МУАЛЛИМ!»

– Ало, ало, – шунида шуд аз гӯшаки телефон, ки пас аз садои занги он бардошта будам. Рафиқи деринаам аз воҳаи Қашқадарё телефон мекард ва аз ҳоли ману то обу ҳавои Тошканд ва вазъи идораи рӯзнома ва кормандонаш пурсон мекард. Аслан чунин суҳбатҳои маъмулӣ бо алоқадорони рӯзнома як падидаи оддӣ аст. Вале пас аз ягон даҳ дақиқаи суҳбат рафиқам гуфт, ки дар синф ҳастаму дарс медиҳам, якбора тааҷҷубам даҳчандон афзуд, ки аз ҳисоби дарси ҳамагӣ 45 дақиқа агар даҳ дақиқааш фақат бо як нафар барои суҳбати телефонӣ зоеъ шавад, ё худ дар тӯли ин як соат дарс боз ба як-ду занги телефон руҷӯъ карда шавад, пас аз он дарс чӣ қадар вақт мемонад, ки муаллим бо вазифаи бевоситаи худ машғул гардад.

Вақте ки ба чунин манзараҳо шоҳид мегардед ва ё беихтиёр дар он иштирок мекунед, ба содагӣ дарк мекунед, ки низом ва тартибу масъулиятшиносӣ дар омӯзгорон ҳанӯз то чӣ андоза аз он ченаке, ки ҳамаи мо орзу мекунем, дур аст. Дар хусуси мактабу таълиму муаллим ҳама бе лоқайдӣ гап мезанад, чунки ҳамаи мо аз ҳамин мактаб гузаштаем ва ин мавзӯъ дар ҳар дараҷа барои ҳар кас алоқаманд аст. Аз ин рӯ ҳар каси дилхоҳ мехоҳад дар ин хусус радду бадал кунад, андешаву мулоҳизоти худро баён намояд. Ва табиист, ки ин бетафовут набудан нисбат ба таълиму тадрис аз ғамхорӣ ва дилсӯзӣ ба фарзандон ва умуман насли наврас сарчашма мегирад. Бо вуҷуди қабули низому қонунҳои фарогир ва ислоҳоти ҷиддӣ дар соҳа, хусусан шуури аҳли маориф ҳанӯз мисле ки дигар нашудааст. Бефарқӣ ба шогирдону ҷараёни дарс ва сифату азхудкунии хонандагон, ба истиснои баъзе дигаргуниҳои зоҳирӣ – ин ҳама ҳанӯз аз шуури устодон сутурда нашудааст, яъне «хар ҳамону полонаш дигар». Вагарна воқеаи зеринро чӣ гуна маънидод кардан мумкин аст?

Бо коре ба шиносам телефон кардам, ки зиёда аз чоряк аср дар мактаби таълими ҳамагонӣ дар вилояти Тошканд дарс медиҳад. Аз садои гиру дораш чунин тасаввурот ҳосил гардид, ки гӯё дар синф бошад. Маро хотирҷамъ карду гуфт, ки суҳбатро давом диҳам. Ва дар омади гап гуфт, ки ба хонааш як-ду нафар ҷиянони коллеҷхонаш омадааст ва ба онҳо дафтарҳои хонандагонашро додааст, то ки ба ҷои ӯ онҳоро санҷанд(?).

Худ ба худ фикр мекардам, ки чӣ гуна шогирдони коллеҷ кори хаттии хонандагони мактаби миёнаро метавонанд бисанҷанд. Ва ин санҷишҳои хаттӣ чӣ аҳамият доранд, агар онҳоро шогирдони коллеҷ баҳо гузоранд? Худи муаллим ин ҳамаро чӣ гуна тасаввур мекарда бошад?

Ин ҳама як тараф, аммо тартиб ва интизом дар даргоҳи маърифат ҳамеша аз сутунҳои асосии ҷараёни таълим ба шумор мерафт ва аз рӯи принсипи ҳамешагӣ ин ҷиҳати кор ҳоло ҳам дар соҳа ҳамин тавр бояд бошад. Ин аксиома дар рӯи коғаз ҳамин тавр аст, дар асл-чӣ?

Ба ёдам мерасад лавҳае, ки чанд муддат пеш дар телевизор тамошо карда будам. Лавҳа аз он бозгӯӣ мекард, ки масъулон аз прокуратура ва милитсия ба мактабе омада, давомоти хонандагонро месанҷиданд. Онро тамошо мекардаму солҳои мактабиам ба ёд мерасид, ки дар мактаб пайдо шудани намояндагони идораҳои низомипӯш чун ҳодисаи фавқулодда ба назар менамуд. Барои он ки аз ин мақомот касе ба мактаб ояд, бояд ҷинояти сахт содир мегардид ва чунин манзараи номатлубро дар даҳ соли таҳсил дар мактаби миёна шоҳид нагаштаам. Агар дар таълимгоҳ бо давомоти хонандагон идораҳои интизомӣ машғул гардад, пас роҳбарон ва маъмурони мактаб чӣ кор мекунанд? Дар ин мавриди ҳар гуна тахмин ҷой дошта метавонад – аз нобоварӣ ба онҳо то бемасъулиятӣ ва назарфиребии маъмурони мактаб. Инро мехоҳам боз бо як далели дигар пурра намоям, ки бо шахси наздики ҳамдеҳаам рух дода буд.

Хонаводаи ӯро бо ду кӯдакаш, ки яке дар синфи ибтидоӣ мехонд, дар аввали ҳафта дар маркази ноҳия дидам ва ҳолпурсӣ кардаму сабаб пурсидам, ки бо чӣ корҳо дар марказ мегардад. Дар ҷавоб гуфт, ки ба тӯйи хешон омадаасту боз чанд рӯзи дигар ин ҷо мебошад ва охири ҳафта ба деҳа бармегардад. Гумон намекардам, ки хонандаи мактаб низ бо падару модараш як ҳафтаи тамом бе мактаб мемонад ва аз ин боис пурсидам, ки «мактаб чӣ мешавад?» Падари хонанда бо хотирҷамъӣ гуфт, ки «ҷавоб гирифтем».



Боз ҳам тасаввур карда натавонистам, ки дар вақти таҳсил хонандаи мактаб чӣ гуна метавонад бе ягон сабаби ҷиддӣ як ҳафта аз дарс монад. Он чӣ мактаб, чӣ маъмурият ва чӣ гуна роҳбарият аст, ки бафурҷа, бе ягон андешаи масъулиятшиносӣ хонандаи мактабро як ҳафта аз дарс рухсат медиҳад. Хеле фикр кардам, ки ягон дафъа ҳадди ақалл барои як рӯз, ё гузашта аз ин, барои як соати дарс ҷавоб гирифта бошам? Ба ёдам намомад...

Дар ҳар сурат муҳит ва вазъияте, ки дар соҳаи таълим, хусусан дар робита бо салиқаву савияи дониш, истеъдоди касбӣ, муносибат ба пешаи пуршарафи муаллим ба вуҷуд омадааст, коре нест, ки бо як-ду ҳуҷҷат ва низом тағйир дода шавад, чунки кайҳо «хишт аз қолаб кӯчидааст». Табиист, ки ин муносибат ва тинату тафаккури шахшударо ба зудӣ ва содагӣ дигаргун кардан кори саҳл нест. Барои ин солҳо зарур аст, то ки сифати таълим аз пойгоҳи ибтидоии худ бозсозӣ гардад ва бо мурури вақт то ба сатҳи дилхоҳе, ки дар гузаштаи начандон дур доштему ҳанӯз аз ёдҳо сутурда нашудааст, бирасем. Дар ин роҳ кори ночиз ва амали беаҳамият набояд вуҷуд дошта бошад, ҳатто ба маросимҳои иззатталабӣ ва тамаъгарии ночиз ҷалб намудани хонандагон.

Яке аз рӯзҳои сарду боронӣ тирагии шаб наздик мешуд, ки ба зодгоҳ омадам ва дар рӯи ҳавлии падарӣ духтари додарамро дидам, ки дар бар борониву дар даст чатр худро назди девор гирифта, бо дили ғаш меистод, мисле ки кореро дилаш намехосту аммо водор буд. «Чаро хона намедароӣ?» пурсидам ба ҳолаш дилам сӯхта. «Не, бояд равам» гуфт боз бо дилхирагӣ. Хостам, ки бидонам – ӯ чӣ кор дораду ба куҷо равона аст дар ин тирагии бегоҳ ва лою борон. Маълум гардид, ки муаллимашон зодрӯз доштаасту аҳли ин синфи ибтидоӣ ҳама якҷоя ба хонаи устодашон рафта, ӯро бояд табрик кунанд.

Дар худ фикр кардам, ки наход муаллими синфи ибтидоӣ ба ҷои он ки шогирдонро барои шабона, дар ҳавои сарду боронӣ ва кӯчаҳои лойгини қишлоқ дар хонаи гарму назди падару модар хотирҷамъ нишастан ташвиқ ва насиҳат намояд, дилаш мехоҳад, ки ин кӯдакон дар маҳаллаи дигар ба хонаи вай омада, табрик карда, иззаташро ба ҷо оранд!

Кунҷковӣ карда аз вай пурсидам, ки «агар наравӣ чӣ мешавад?» Аз ин саволи ман тааҷҷуб кард ва ҳайрон буд, ки чаро ман ӯро аз роҳ мегардонам, чунки, бинобар мазмуни гапҳояш, дарк кардам, ки ин гуна «маросимҳо» дар мактабиён ба ҳукми анъана даромадааст. «Агар нараваму зодрӯзи муаллимро табрик гуфта, ҳадяро насупорем, фардо ба рӯи муаллим чӣ хел нигоҳ мекунам?» – аз ин «нодонии» ман тааҷҷубаш афзуда суханашро идома медод толибаи синфи ибтидоӣ.

**Тоҷибой ИКРОМОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»,**
**Аълочии таълими халқи Ҷумҳурии Ўзбекистон.**

Шариф ХАЛИЛ

# ҚУРБОНИ МУЛӮҲ

(Ҳикоя)

**(Охираш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

Мулло харро чун ҳамеша дар санглохе баста, бел дар даст ба боғи себзор фаромад. Алафи байни дарахтонро ду рӯз пеш хишова карда буданд ва ҳоло заминаш обутоб ёфта буд. Қатори ҷамоат ба нарм сохтани таги дарахтон пардохт. Аммо тамоми рӯз аз китобҳои гӯрондааш фикр карда, дилаш ғарқоби хун бел мезаду бел мезад... Баъзан рафтори коғазпечи Шукруллоҳ ба хотираш омада, аз шубҳаву гумонҳо хаёлаш раҳгум мезад.

Ҳоло рӯз гашт мекард. Аз қибла дар домани осмон як пора абрро пешандоз намуда анбӯҳи абрҳои сиёҳ нишастаанд ва рӯйи офтоби бегоҳонро оҳиста мепӯшонданд. Аҳли ҷамоат ягон-ягон дар тараддуди баргаштан ба деҳа ҳастанд: улави худро ҷул мезананд, алафи даравидаашонро банд мекунанд...

Аз пайраҳаи миёни ангурзор ва себзор ду аспакӣ намудор гаштанд. Башитоб меомаданд онҳо.

– Раис.., – гуфт кадомие дар банди ҳаяҷон.

Ва он нафароне, ки мехостанд алафашонро бубанданд, зуд аз кор даст кашида, арғамчинҳоро ғундоштанд.

Саворҳо наздик расиданд. Милтиқдор буданд онҳо, ба саломи колхозчиҳо эътиборе ҳам надода, бо нигоҳ касеро ҷуставу ниҳоят ҳадафро пайдо карда, аспҳояшонро ба ҷониби вай ронданд.

Мулло Абдуллоҳ дар як пора замини санглох ба дуруст кардани афзори маркабаш машғул буд. Меҳмонҳои силоҳдор дар назди Мулло қарор гирифтанд. Яке аз онҳо коғазеро бароварда бо абрӯвони гиреҳхӯрда исму насаби Мулло Абдуллоҳро хонд.

– Бале, ин ман, – дасташ дар гардани хар музтар ҷавоб дод Мулло.

– Бо мо меравӣ! Мана коғази ҳукумат,– ҳамон варақи бамӯҳрро алвонҷ дода, амр кард саворае, ки рутбаи баландаш аз се ситораи ҷилодори сари китфаш маълум буд. Аспҳои ҷавмаст дар таки рони низомиён беқарор ёл меафшонданд, сум мекӯфтанд, зудзуд нафас гирифта, даҳанаи оҳаниро мехоиданд ва дар ҷойи худ давр мезаданд.

– Ман? Барои чӣ? – даступо хӯрда пурсид Мулло.

– Инро дар идора мефаҳмӣ! Ҳоло зудтар пеш даро.

Як нафари малламӯйи онҳо милтиқашро аз сари китф фароварда, ба ҳар эҳтимол омода шуд.

Мулло Абдуллоҳ дар бари маркаб ба сутуни ноҷунбоне мубаддал гашта буд. Сад фикру хаёл аз сараш тирвор мегузаштанд, дилаш ноором метапид. Гоҳ Бибиотунаш пеши назар меомад, гоҳе сурати ду писараки навгулаш... Онҳо ҳанӯз аз ин гапҳо бехабаранд.

– Чаро ходаи гӯр барин рост меистӣ? Пеш даро! – арбада кард савораи туфангаш омода.

Бо ҳамин сурати завҷаву ду кӯдакаш мавҷзанон аз пеши назари Мулло дур гаштанд. Колхозчиҳо ҷамъ омада, ба саворони чун балои осмонӣ пайдошуда ҳайрон менигаристанд.

– Мулло чӣ айб доранд, ки мебаредаш? – пурсид ниҳоят кадом як баҷуръате.

– Мулло буданаш кифоят! – гуфт ба заҳрханд савораи дигар, ки акнун дар нӯки ангуштон папирос гирифта буд ва дуди сафедчаи он печон ба ҳаво мехест. – Ин хел каждумон дар ҷомеаи мо лозим нестанд!

– Ту ҳамин хел инсони мӯътабарро каждум мехонӣ?

– Корат набошад, бехтараш аз пайи бечорагии худат бош! – гуфт саворӣ ба сӯйи соҳиби садо сахт карда. – Ҳукумати коргару деҳқонон хуб медонад: кӣ бегуноҳ асту кӣ то баногӯш дар баҳри бадкирдориҳо ғӯтавар!

Деҳқонон ба ҷунбиш омаданд. Яке ба дигаре менигарист. Аз нигоҳи ҳамдигар рамз бурда, фаҳмидан мехостанд, ки муқобилат кунанд, ё итоат... Охир ин гургон беҳтаринеро аз байни онҳо мерабуданд! Дар чашмони аксар ноаён об менишаст.

– Мана боз як далел ба шумо – мебинед Мулло хари худро дар куҷо бастааст? Санглохи мутлақо бегиёҳ! Аз рӯзе, ки коргари колхоз аст, кораш ҳамин. Рост мегӯям?

– Мулло Абдуллоҳ одами худотарс, оқилу доно, бар замми ин ҳалолкору ҳалолхӯранд! Намехоҳанд ба мулки ҷамоат зиён расад, – шунида шуд аз байни мардум.

– Шумо-чӣ? – ба харҳои боқии колхозчиҳо бо нӯки тозиёна ишора карда, гуфт аспакии папироскаш. – Мулло ки ҷамоатро пос намедоред? Ба мулки колхоз хиёнат мекунед? Улави шумо бемалол алафи ҷамоатро мехӯранд ва шумо ҳама бепарвоед!

Меҳнаткашон сар ба зер афкананд.

– Не! Ин муллои худотарси шумо мулки колхоз, ҳукумати коргару деҳқон, давлати шӯравиро ҳаром меҳисобад. Ҳатто раво намебинад, ки ҳамин ҷонвар, – акнун ба хари аз кори дунё бехабар ишора мекунад ӯ, – майли хотир аз алафи худодода шикам сер кунад. Агар ин шахс дили каҷ намедошт, магар чунин амалро раво медид? Пас душман дар байни шумо кист? – ба ҷамоаи сархам рӯ овард вай ва аз нӯки папиросаш як қуллоб дуд ба шуш кашидаву қаноатманд боз берун оварда, дар ҳоле ки ҷирани маст дар таки ронаш беқарорӣ мекард:

– Ана ҳамин одами ба рӯяш ниқобкашида! – ба саволи худ фавран ҷавоб дод вай ва:

– Пеш даро, мулло! – гуфт тозиёнаашро бозӣ доронда.

Ин дам аз куҷое Яъқуб расида омадаву тунд ба аспакӣ наздик шудан мехост, ки тозиёнаи марди малламӯй ба сари китфаш фаромад. Вай нолон худро ақиб гирифт. Дубора ба ҳаракат афтода буд, ки аспакӣ зуд мили туфангашро ба ҳаво гардонда, тир кушод.

Ҷамоат карахт шуд.

Мулло Абдуллоҳ бо ишораи даст ҳамаро ором карда:

– Ба хонаҳоятон баргардед, бародарон. Ту ҳам Яъқубҷон... Ба адолати ҳукумати Шӯро бовар кунед. Ғам махӯред. Ҳамин ки мӯйро аз хамир ҷудо карда, ба бегуноҳии ман иқрор шуданд, ҷавоб медиҳанд. Бепарво бошед, саҳар иншоаллоҳ дар қатори ҳама ба кори ҷамоат меоям.

Мулло Абдуллоҳ вақте ки саллаи худро дуруст карда, миёнбандро аз болои ҷелак бастан мехост, чашмаш ба Шукруллоҳ афтод, ки дар як гӯшаи дуртар аз издиҳоми деҳқонон пушт ба танаи дарахти себ дода ба қибла назар мекард. Нигоҳаш сард ва ба ғалаёни абрҳои сиёҳ васл шуда буд ...

“Ана кирми дарахти мо кӣ будааст! Ана мулӯҳи касиф дар байни мо кӣ будааст!” – бо таассуф гумонҳои худро хулоса кард Мулло Абдуллоҳ ва дар лавҳи хаёл сурати манфури Шукруллоҳ пеш-пеши ду савораи милтиқдор ғамгин ба роҳ даромад. Вай ҳис менамуд, ки аз ин доми бало наҷот ёфтан амри муҳол аст, аммо боз ҳам ба адолати ҳукумат умедвор буд. Охир, ҳамеша аз тариқи ҳалол хӯрдану ҳалол зистан гом бардошта, шогирдонашро дар ҳамин роҳ тарбият менамуд. Пас, бегуноҳе аст ӯ! Иншоаллоҳ нуқсе аз аъмолаш наёфта, ба хона ҷавоб хоҳанд дод...

***

Мулло Абдуллоҳ Тӯразода, чуноне ки чашм дошт, дубора ба зодгоҳ барнагашт. Парҳезгориаш оқибат ба сари ӯ об рехта буд. Дар қатори чандин мардони худотарс бо ҳукми Суди сегона ба Сибир сургун шуда, дар сармои туфкуну яхкуни он макон билохир ҷон ба ҷонофарин супурд. Бибиотуни меҳрубони вай дар гирудори ҳаёти бешафқат писари калонӣ – Иброҳимро аз даст дода, Аҳмади худро ба дандон газида, калон кард. Имрӯз вай олими номбардорест!

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рӯзнома дар компютерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170. Фармоиши 2 Г-235. Адади нашр 958, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Х. Ҳамидов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ: 233-82-83; Котибот 233-83-35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.